индивида. В их состав входят затраты на питание, приобретение одежды и обуви, обеспечение жилищных условий, транспортное обслуживание, удовлетворение культурных, духовных и рекреационных потребностей, а также индивидуальные расходы. Дополнительно учитываются государственные инвестиции на одного гражданина в сфере здравоохранения, образования и социализации начиная с момента рождения.

- Ускоренные темпы увеличения объёмов финансирования на одного учащегося системы образования независимо от уровня образования и создание благоприятных условий для организации коммерческих учреждений начального, среднего и общего образования позволят заложить фундамент для успешного функционирования школ и дошкольных учреждений и подготовить абитуриентов для вузов, которые при прочих равных условиях будут способны успешно осваивать программу высшего уровня со всеми вытекающими отсюда последствиями.

- Рекомендовано привести в действие механизм гармонической адаптации потенциала сферы образования, в особенности системы высшего образования, к потребностям современной экономики.

- С целью повышения результативности использования человеческого капитала на региональном уровне были разработаны инструменты формирования контрольных показателей приёма и выпуска студентов вузов. Основой данных инструментов выступают имитационные модели, обеспечивающие возможность прогнозирования сценариев с учётом грядущих трансформаций, прежде всего связанных с процессами модернизации образовательной системы в целом, и системы высшего образования в частности.

- Оценка результативности вовлечения и применения человеческого капитала Согдийской области должна основываться на совокупности ключевых условий, способствующих его эффективному, целенаправленному и рациональному использованию:

- обеспечение трудоустройства выпускников на позициях, соответствующих полученной ими квалификации и направлению профессиональной подготовки;

- активное внедрение современных технологических разработок в производственную деятельность и их постоянная модернизация;
- повышение производственной результативности труда через рост его интенсивности и использование инновационных технических решений;
- формирование гибкой и стимулирующей системы оплаты труда, напрямую связанной с ростом производительности и качественными параметрами рабочей силы в целом.

## СПИСОК ЛИТЕРАТУРЫ


1. Барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025.
2. Закон Республики Таджикистан «Об образовании» от 22 июля 2013 года №1004 (В редакции Законов Республики Таджикистан от 14.03.2014г. №1081, 26.07.2014г. №1125, 15.03.2016г. №1295, 23.07.2016г. №1346, 28.08.2017г. №1462, 17.05.2018г. №1527, 17.12.2020г. №1738, 23.12.2021г. №1832, 19.07.2022г. №1905, 13.11.2023г. №1995, 03.01.2024г. №2035, 03.01.2024г. №2036)
3. Конституция Республики Таджикистан (в редакции референдума от 26.09.1999г., от 22.06.2003 г., от 22.05.2016г.)
4. Концепция перехода Республики Таджикистан к устойчивому развитию / Постановление Правительства РТ от 01.10.2007, №500. – Душанбе, 2007.
5. Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики Таджикистан // Послание Президента Республики Таджикистан, Основатель мирных соглашений, Лидер нации, Уважаемый Эмомали Рахмон на Маджлиси Оли Республики Таджикистан. - Душанбе, 2017. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http//www.president.tj (дата обращения: 25.07.2019).
6. Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики Таджикистан // Послание Президента Республики Таджикистан, Основатель мирных соглашений, Лидер нации, Уважаемый Эмомали Рахмон на Маджлиси Оли Республики Таджикистан. Душанбе, 2023.

[Электронный ресурс]. Режим доступа: http//www.president.tj (дата обращения: 18.02.2024).

7. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. – Душанбе: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2023. – 419 с.
8. Статистический ежегодник Согдийской области. – Худжанд: Главное управление Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан в Согдийской области, 2022. – 508 с.
9. Статистический ежегодник Согдийской области. – Худжанд: Главное управление Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан в Согдийской области, 2023. – 419 с.
10. Статистический ежегодник Согдийской области. – Худжанд: Главное управление Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан в Согдийской области, 2024. – 432 с.
11. Becker, G.S. Investment in human capital: A theoretical analysis. / G.S. Becker // Journal of Political Economy 70 (5). - 1962. - P. 9-49.
12. Schultz, T.W. Investment in human capital / T.W. Schultz // American Economic Review, 1961. - 51 (1). - P. 1-17.
13. Авезов, А.Х. Методология формирования стратегии устойчивого развития экономики региона: Монография / А.Х. Авезов. – Худжанд: ТГУПБП, 2014. – 221 с.
14. Акрамова, З.Б. Формирование и развитие человеческого капитала в трудоизбыточной экономике (напримере Республики Таджикистан): автореферат дис. ... канд. экон. наук: 08.00.01 / З.Б. Акрамова. – Худжанд, 2012. – 22 с.
15. Бабина, С.И. Анализ человеческого капитала региона / С.И. Бабина, И.Ю. Садовникова // Вестник Кемеровского государственного университета. Серия: Политические, социологические и экономические науки. – 2018. - № 3. - С. 69-74.
16. Веретенникова, Н.В. Человеческий капитал: макроэкономический аспект исследования / Н.В. Веретенникова, Н.М. Загвязинская, Н.А. Куранова // Вестник Тюменского государственного университета. Социально-

экономические и правовые исследования. - 2015 - Том 1. № 2 (2). - С. 152-160.
17. Внешнеэкономическая деятельность: анализ торговли и инвестиций в Республике Таджикистан / И.К. Мирзоев, Р.М. Мирбобоев, А.А. Солиев, М.К. Бобоев.; под общей ред. Л.Х.Саидмурадова. – Душанбе, 2006. – 153 с.
18. Ганиев, Т.Б. Интеллектуальный потенциал человека как ресурс национальной и международной безопасности. / Т.Б. Ганиев // Таджикистан и современный мир (научный журнал). - Душанбе: «СИНО», 2015. - № 6 (49). - С.101-110.
19. Гурезов, С.И. Теоретические основы среднего образования и формирования человеческого капитала в условиях рыночной экономики / С.И. Гурезов // Перспектива развития науки и образования. Материалы международной научно-практической конференции. - Душанбе: ТТУ имени академика М.С.Осими, 2019. - С.369-372.
20. Дьяков, М.Ю. Экономическая оценка человеческого капитала региона / М.Ю. Дьяков // Экономика региона. - 2022. - Т. 18, вып. 2. - С. 556-568.
21. Маршалл, А. Принципы экономической науки / А. Маршалл. – М.: Прогресс, 1993. – 270 с.
22. Назаров, А.А. Социально-экономические факторы роста производительности труда / А.А. Назаров; под ред. Рымашевской Н.М. и Джабарова А.Д. – Душанбе: Дониш, 1981. – 215 с.
23. Раджабов, Р.К. Региональные аспекты развития сферы платных услуг населению в условиях переходной экономики: Монография / Р.К. Раджабов. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 196 с.
24. Рауфи, А. Ценность человеческого капитала (на таджикском языке) / А. Рауфи // Экономика Таджикистана. - Душанбе, 2020. - №1. - С. 13-18.
25. Ризокулов, Т.Р. Влияние глобализации на миграционные процессы в национальном рынке труда / Т.Р. Ризокулов, Д.А. Давлатов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – Душанбе: «СИНО», 2016. - №2/9(218). - С. 99-104.
26. Саидмурадов, Л.Х. Возможности и направления углубления регионального анализа в контексте человеческого развития / Л.Х. Саидмурадов // Вестник

Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: «СИНО», 2013. - № 2/8 (125). - С. 115-124.
27. Тугускина, Г.Н. Человеческий капитал регионов как основа формирования национального человеческого капитала / Г.Н. Тугускина // Вестник Удмуртского университета. Серия: Экономика и право. - 2024. - Т. 34, вып. 2. - С. 271-277.
28. Усманов, Д.И. Человеческий капитал региона: ретроспективный анализ концептуальных положений теории / Д.И. Усманов // Проблемы рыночной экономики. - 2024. - № 1. - С. 62-72.
29. Хамидова, С.Х. Человеческий капитал: содержательный подход / С.Х. Хамидова // Экономика Таджикистана. - Душанбе, 2020. - №1. - С. 19-23.
30. Ходиев, Д.А. Уровни формирования и развития человеческого капитала / Д.А. Ходиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: «СИНО», 2014. - № 2-1. - С. 18-23.
31. Человеческое развитие. Учебник (издание 2-е, дополненное и переработанное) / коллектив авторов / под общей ред. Р.М. Бабаджанова. – Душанбе: ООО «Фарзин», 2014. - 436 с.
32. Чучулина, Е.В. Человеческий капитал как фактор социально-экономического развития региона / Е.В. Чучулина // Вестник пермского университета. - 2014. - Вып. 1(20). - С. 52-57.

## ПЕРЕЧЕНЬ НАУЧНЫХ ПУБЛИКАЦИЙ СОИСКАТЕЛЯ УЧЕНОЙ СТЕПЕНИ (на языке оригинала):

### I. Публикации в изданиях, включенных в Перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий, рекомендуемых ВАК при Президенте Республики Таджикистан:

[1-А]. Косимова, Ш.А. К исследованию человеческого капитала муниципального образования [Текст] / Ш.А. Косимова // Вестник Таджикского национального Университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: СИНО, 2016. - №2/9(218). - С. 174-177.

[2-А]. Косимова, Ш.А. Компетентностный подход к оценке характеристик человеческого капитала [Текст] / Ш.А. Косимова // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2018. - №1. - С. 81-86.

[3-А]. Косимова, Ш.А. К методологии оценки эффективности использования человеческого капитала [Текст] / Ш.А. Косимова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. - Худжанд, 2018. - №3(76). - С. 82-90.

[4-А]. Насулложанова, Ш.А. Оценка эффективности использования человеческого капитала в экономике региона [Текст] / Ш.А. Насулложанова // Экономика Таджикистана. - Душанбе, 2020. - №4(2). - С. 199-209.

[5-А]. Насуллоҷонова, Ш.А. Механизми таъсиррасонии ҳокимияти минтақавӣ барои ташкил ва ҷамъ овардани сармояи инсонӣ [Матн] / Ш.А. Насуллоҷонова, М.А. Асророва // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. - Душанбе, 2023. - №2/1(46). - С. 205-211.

[6-А]. Насулложанова, Ш.А. Определение потребностей регионального промышленного комплекса Согдийской области в высококвалифицированных кадрах [Текст] / Ш.А. Насулложанова, Ф.К. Шамсиев // Финансово-экономический вестник (научно-практический журнал). - Душанбе, 2023. - №3(37). - С. 142-149

**II. Публикации в других научных изданиях:**

[7-А]. Косимова, Ш.А. Теоретические аспекты человеческого капитала и его влияние на уровень социально-экономического развития [Текст] / Ш.А. Косимова, Х.Дж. Махмадиева // Таджикистан в XXI веке: перспективы устойчивого развития национальной экономики (сборник статей международной научно-практической конференции, 27 ноября 2014 года). – Худжанд: Ношир, 2015. - С. 205-209.

[8-А]. Қосимова, Ш.А. Мавқеи сармояи инсонӣ дар инкишофи иқтисодиёти муосир [Матн] / Ш.А. Қосимова // Рушди илми муосир дар Тоҷикистон: назария ва амалия. Қисми I. – Хуҷанд: Дабир, 2018. – С. 230-234.

[9-А]. Косимова, Ш.А. Фундаментальные основы теории человеческого капитала [Текст] / Ш.А. Косимова, Н.Х. Азизова // Менеджмент субъектов

хозяйствования: проблемы и перспективы развития: сборник материалов Международной научно-практической on-line конференции молодых ученых, аспирантов, соискателей и студентов (21-23 декабря 2017г.) - Житомир: ЖДТУ, 2017. - С. 225-228.

[10-А]. Косимова, Ш.А. Концептуальные основы развития человеческого капитала [Текст] / Ш.А. Косимова // Туризм и народное ремесло – представляющий национальную культуру (секция бизнес, управление и финансы). – Худжанд: ЧП Файзибоев М.М., 2018. – С. 193-195.

[11-А]. Насулложанова, Ш.А. Оценка эффективности использования человеческого капитала в регионе [Текст] / Ш.А. Насулложанова // Предпринимательская модель экономики по управлению развития предпринимательства: тези II Международной научно-практической конференции (6-8 ноября 2019г.). - Житомир, 2019. - С. 778-782.

[12-А]. Насулложанова, Ш.А. Эффективность процессов формирования и использования человеческого капитала в региональной экономике [Текст] / Ш.А. Насулложанова // Интеграция науки и производства в реализации национальных стратегических целей // Материалы научно-практической конференции профессоров, преподавателей и молодых исследователей ТГУПБП / под руководством д.э.н., профессора Шарифзода М.М. и д.э.н., профессора Риизокулов Т.Р. – Худжанд: Дабир, 2022. - С. 107-111.

[13-А]. Насуллоҷонова, Ш.А. Сармояи инсонӣ ҳамчун омили рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғд) [Матн] / Ш.А. Насуллоҷонова // Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. // Маводи форуми II ҷумҳуриявии иқтисодӣ. - Хуҷанд: «Дабир», 2022. - С. 320-325.

[14-А]. Насулложанова, Ш.А. Человеческий капитал как фактор социально-экономического развития региона (на примере Согдийской области) [Текст] / Ш.А. Насулложанова // Экономико-правовые перспективы развития общества, государства и потребительской кооперации [Электронный ресурс]: сборник научных статей IV международной научно-практической интернет-конференции, Гомель, 31 марта 2023 г. / редкол.: С.Н. Лебедева [и др.]; под науч. ред. канд. юрид. наук, доцента Ж.Ч. Коноваловой. – Гомель: учреждение

образования «Белорусский торгово-экономический университет потребительской кооперации», 2023. - С. 218-222.

[15-А]. Насуллоҷонова, Ш.А. Нақши мақомоти минтақавӣ дар ташкил намудани шароит барои ҷамъоварии сармояи инсонӣ [Матн] / Ш.А. Насуллоҷонова // Рушди илм ва инноватсия дар шароити рақамикунонӣ// Маводи конференсияи илмӣ-амалии профессорон, омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ / таҳти назари д.и.и., профессор Шарифзода М.М. - Хуҷанд: «Дабир», 2023. – С. 147-152.

[16-А]. Насуллоҷонова, Ш.А. Механизмҳои муосири баҳодиҳии сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодии минтақавӣ [Матн] / Ш.А. Насуллоҷонова // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Заминаҳои илмӣ-техникӣ ва иқтисодии саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (24-25 ноябри соли 2023). Қисми 2. - Душанбе, 2023. – С. 63-66.

[17-А]. Насулложанова, Ш.А. Современная теория человеческого капитала [Текст] / Ш.А. Насулложанова, С.Б. Ахмедов // Материалы Международной научно-практической конференции «Механизмы устойчивого социально-экономического развития страны с учетом мегатрендов и сценариев глобального развития», посвященную 70-летию доктора экономических наук, профессора Шокаманова Юрия Камировича, 1 ноября 2023 г. - АГЭУ, 2023. - С. 359-363.

[18-А]. Насуллоҷонова, Ш.А. Инкишофи сармояи инсонӣ: ҷанбаи минтақавӣ [Матн] / Ш.А. Насуллоҷонова // Илму маориф дар пешрафти иқтисодию иҷтимоии давлати ҳуқуқбунёд // Маводи конференсияи илмӣ-амалии профессорон, омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ / таҳти назари д.и.и. Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. - Хуҷанд: Дабир, 2024. – С. 110-115.

[19-А]. Nasullojonova, Sh.A. Problems of the theory of human capital [Text] / Sh.A. Nasullojonova // Network business: formation, problems, innovations // Materials XV International Scientific and Practical internet conference (April 17–18, 2025) – Poltava: PUET, 2025. – P. 41-44.

[20-А]. Насуллоҷонова, Ш.А. Усулҳои баҳодиҳии сармояи инсонӣ [Матн] / Ш.А. Насуллоҷонова // Рушди устувор дар соҳаҳои иқтисодиёт, суботи иҷтимоӣ, мувозинати экологӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. - Хуҷанд: «Дабир», 2025. – С. 293-297.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА
СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН

**ТДУ 331**
**ТКБ 65.240**
**Н 33**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**НАСУЛЛОҶОНОВА ШАВКАТМОҲ АБДУҚОДИРОВНА**

# МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕХАНИЗМИ ИСТИФОДАНАМОИИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ВИЛОЯТИ СУҒД

## АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси
08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

**ХУҶАНД – 2025**

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро шудааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Асророва Мавлуда Абдушукуровна**, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори раёсати корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва рушди инноватсионӣ |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Каримова Мавзуна Тимуровна**, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |
| | **Нишонзода Рисқибой**, доктори фалсафа (PhD), мудири шуъбаи мониторинг ва идоракунии сифати таълими МДТ «Донишкадаи иқтисодиёт ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд» |
| **Муассисаи пешбар:** | Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд |

Ҳимояи диссертатсия санаи «17» январи соли 2026, соати 9:00 дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, хонаи 1, бинои таълимии №5, толори Шурои диссертатсионӣ, e-mail: ds.tsulbp@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992)928582212

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва тавассути сомонаи http://ds.tsulbp.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «_____» __________ соли 2025 фиристода шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Саиджонов С.Ш.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Рушди муосири иқтисодӣ беш аз пеш бо ворид сохтани омили инсонӣ ба сифати неруи асосии ҳаракатдиҳандаи пешрафти хоҷагидорӣ алоқаманд мешавад. Дар як қатор давлатҳо ва минтақаҳои онҳо сармояи инсонӣ мақоми захираи низомофарро касб кардааст, ки ташаккули афзалиятҳои устувори рақобатиро таъмин менамояд ва ба динамикаи мусбати ҳам мушаххасоти микдорӣ ва ҳам сифатии фаъолияти иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат мекунад. Ҷамъбасти равишҳои илмӣ ва хулосаҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, ки дар соҳаи таҳлили сармояи инсонӣ таҳқиқот мебаранд, шаҳодат медиҳад, ки чунин параметрҳо, аз қабили омодагии таҳсилотӣ ва сатҳи салоҳиятнокии касбии аҳолӣ ба ҳайси нишондиҳандаҳои калидие баромад мекунанд, ки онҳо афзалиятҳои стратегии рақобатии ҳудудҳоро дар низоми иқтисодии миллӣ ва глобалӣ ташаккул медиҳанд.

Барои истифодаи оқилонаи сармояи инсонӣ ва таъмини рушди муттасили иқтисоди миллӣ ва минтақаҳои он нақши калидиро дар иқтисодиёти минтақавӣ механизми танзими сармояи инсонӣ ишғол менамояд. Дар марҳилаи кунунии дигаргуниҳои сохторӣ ба самти афзалиятнок нигаронидашудаи коркард ва амалигардонии механизмҳои самаранок, ки ба суръатафзоии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат дар маҷмӯъ ва минтақаҳои он дар алоҳидагӣ нигаронида шудааст, баромад менамояд. СМР-2030, ҳамчунин ҳуҷҷатҳои барномавии марбут ба он парадигмаи авлавиятнокро сабт кардаанд, ки дар доираи он иқтидори инсонӣ муайянкунандаи (детерминанти) калидии рушди устувори иқтисодӣ эътироф гардидааст. Аз ин рӯ соҳаи маориф ва фаъолияти илмию тадқиқотӣ, унсури сохторӣ ва бунёдии он эътироф гардида, ҳамчун шарти асосии таҳкими рақобатпазирии мамлакат ва таъмини манфиат ва бехатарии миллӣ баррасӣ мешавад.

Бемуҳобо гуфта мешавад, ки шарти калидии амалигардонии самараноки дилхоҳ ташаббусҳои стратегӣ ин равиши институтсионалии ба ташаккули иқтидори инсонӣ, ки ба дархости низоми рушдёбандаи иқтисодӣ мутобиқ аст, баромад мекунад. Чунин раванд таҳия ва тадбиқи механизмҳоеро, ки ба

идоракунии параметрҳои миқдорӣ, сифатӣ ва ҳудудии сармояи инсонӣ нигаронида шудааст, тақозо менамояд. Аҳаммияти бузург доштани самти мазкур барои пешравии миллӣ борҳо дар суханрониҳои барномавии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар доираи паёмҳо ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст: «Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд» [5].

Воситаҳои классикии идоракунии стратегӣ моҳияти худро нигоҳ медоранд, вале дар шароити муосир воситаҳое, ки иқтидори баланди пешгӯишавандагӣ дошта, қобилияти нисбатан самарабахши ҷалби сармояи инсониро ба равандҳои иқтисодии минтақавӣ доранд, талаб менамояд. Бинобар ин аҳаммияти ташаккули равиши том ба истифодаи сармояи инсонӣ чун сарчашмаи стратегӣ меафзояд, ки он ҳамгиро сохтани самараи боздеҳи рӯзафзунро ба методологияи татбиқи мувофиқи он, ҳамчунин зарурати ҷорӣ намудани механизмҳои махсуси танзимиро, ки фаъолияти устувори ин моделро дар иқтисодиёти минтақа таъмин мекунад, пешбинӣ менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Қисми назарраси асарҳои илмии муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ ба таҳлили механизмҳои истифодаи иқтидори инсонӣ дар шароити мушаххаси таърихӣ-иқтисодӣ бахшида шудаанд.

Дар ташаккули асосҳои пойгоҳии назариявӣ ва инкишофи минбаъдии равиши таҳаввулотӣ (эволютсионӣ) ба консепсияи сармояи инсонӣ намояндагони илмии иқтисоди хориҷию ватанӣ саҳми назаррас гузоштаанд. Байни онҳо Г. Беккер, Э. Денисон, Ҷ. Минсер, Т. Стоунер, Э. Тоффлер, Л. Туроу, Т. Шулс, ҳамчунин И.В. Грузков, А.И. Добринин, О.А. Дроздов, С.А. Дятлов, И.В. Илинский, В.Л. Иноземсев, Р.И. Капелюшников, А.В. Коритский, Ю.А. Корчагин, М.М. Критский, В.А. Мау, Р.М. Нуреев, Н.М. Плискевич, А.И. Подберезкин, Е.А. Полишук, И.В. Соболева, М.М. Хайкин ва дигаронро махсус таъкид кардан лозим аст, ки асарҳои илмии

онҳо асоси методологии таҳлил ва идоракунии стратегии инкишофи иқтидори инсониро бунёдгузорӣ кардаанд.

Дар байни намояндагони мактаби илмии ватанӣ муҳаққиқони маъруф, аз ҷумла Бобоҷонов Р.М., Хоркашов И.С., Рауфӣ А., Назаров А.А., Ганиев Т.Б., Акрамова З.Б., Ҳодиев Д.А., Ҳомидова С.Х., Холматов М.М., Саидмуродов Ҷ.Л., Гурезов С.И. ва дигарон сазовори таваҷҷуҳи махсусанд.

Таҳлили асарҳои илмии муҳаққиқони мазкур имкон медиҳад, ки дар бобати мақсаднокии таҳқиқи нисбатан амиқи назариявию амалии механизмҳои ҷалби сармояи инсонӣ ба сифати унсури асосии рушди стратегии иқтисоди минтақа хулосабарорӣ кунад. Зимнан, ба ақидаи муаллиф, таҳқиқи равишҳо ба арзёбии микдорию сифатии сармояи инсонӣ, ҳамчунин формализатсияи моделҳое, ки алоқаи мутақобилаи ҷузъҳои сохтории онро бо параметрҳои инноватсионӣ дар минтақаҳо кушода медиҳад, аҳаммияти махсус касб мекунад. Ин бошад, дар навбати худ ба баланд бардоштани дақиқии сенарияҳои дурнамои ташаккул ва такрористеҳсоли самарабахши он дар низоми иҷтимоӣ-иқтисодии ҳуқуқӣ мусоидат менамояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти мазкур дар раванди татбиқи СМР-2030, аз ҷумла: боби 1, зербобҳои 1.3 – Сенарияҳои рушд, 1.4 – Давраҳои амалисозии СМР-2030; боби 3, зербобҳои 3.1 – Низоми самарабахши идоракунии давлатӣ, 3.2 - Рушди минтақаҳо; боби 4 – Рушди сармояи инсонӣ; боби 5, зербобҳои 5.1 - Бахши воқеӣ, 5.2 - Шуғли пурмаҳсул, инчунин Консепсияи мақсадноки миллии илмию таҳқиқотӣ оид ба масъалаҳои рушди инсон, таъмини минбаъдаи принсипҳои демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ барои солҳои 2013-2028; Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025; Барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025 иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** коркарди заминаҳои назариявӣ-методӣ ва амалии воситаҳои таҳия ва амалигардонии механизмҳои истифодаи самарабахши сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти минтақавӣ, ки барои вусъат бахшидани рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Суғд мусоидат мекунад, мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои ноил гардидан ба мақсади таҳқиқот ҳалли пайдарпайи як қатор вазифаҳои илмии зерин тақозо карда мешавад:

- мудаллал сохтани асосҳои назариявӣ-методологии консепсияи сармояи инсонӣ чун муҳаррики калидии пешрафти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо;
- ошкор сохтани принсипҳои низомофар ва хусусиятҳои институтсионалӣ-идоракунии танзими сармояи инсонӣ дар андозагирии ҳудудӣ;
- амалӣ гардонидани арзёбии маҷмуии динамикаи иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолии вилояти Суғд ба мақсади ташхиси ҳолат ва фаъолияти ҷузъҳои сармояи инсонӣ дар низоми минтақавӣ;
- ошкор сохтани самтияти тағйирёбии динамикӣ ва таҳлил кардани таъсири афзоиши иқтидори инсонӣ дар вилояти Суғд ба тавсеаи имкониятҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа дар давраи миёнамуҳлат;
- таҳияи модели иқтисодӣ-математикӣ бо омилҳои сершумор, ки робитаи сабабу натиҷаи байни вобастагии динамикаи рушди иҷтимоӣ-иқтисоди минтақа ва нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи истифодаи самараноки сармояи инсониро ошкор мекунад;
- коркарди пешниҳодоти амалиямеҳвар ва методологӣ, ки ба мукаммалгардонии механизмҳои таъсиррасонии давлат ба равандҳои ташаккул ва самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ дар низоми иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа нигаронида шудааст.

**Объекти таҳқиқот** механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии ҷалби сармояи инсонӣ ба раванди фаъолият ва рушди низоми иқтисодии минтақавии вилояти Суғд ба шумор меравand.

**Предмети таҳқиқот** аломатҳои хос, хусусиятҳо ва маҷмуи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки дар натиҷаи татбиқ ва рушди механизмҳои истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар минтақа ба вуҷуд меоянд.

**Фарзияи таҳқиқот** тахмини зеринро дар бар мегирад: сармояи инсонӣ дар сатҳи минтақавӣ ба тағйирёбии арзишҳо тамоюл дорад, ки он зарурати коркарди механизми самарабахши ташаккул ва инкишофи сифатҳои сармояи инсонӣ, ки дар шароити иқтисоди тағйирёбандии минтақа дархостшаванда аст, ба миён меорад. Зимнан таҳсилот (маориф) дар таъмини талаботи иқтисодиёт ба кадрҳои баландихтисос чун асоси бунёдӣ ва захираи низомманд баррасӣ мешавад.

Динамикаи тағйирёбии арзиши сармояи инсонӣ ғайриякҷинсии возеҳи ҳудудиро намоиш медиҳад. Дар иртибот бо ин нукта ба низоми такмилёфтаи воситаҳои ҷалбу истифодаи стратегии сармояи инсонӣ дар буриши минтақавӣ такя кунонидани ташаккули қарорҳои самарабахши идоракунӣ ба мақсад мувофиқ аст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои илмии мутахассисони маъруф ва муаллифони дастаҷамъӣ, ки коркардҳои онҳо дар ташаккули равиши илмӣ ба мавзуи мавриди таҳқиқ нақши муҳим бозидааст, ташкил мекунанд. Ҳамчунин рисолаҳои соҳавӣ, интишорот аз конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи таҳлилии муассисаҳои академӣ ва маводҳои анҷуманҳои байналмилалии илмӣ, Консепсияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор дар солҳои 2007-2030, СМР-2030, Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, Стратегияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030, маводи қонунгузорӣ-меъёрие, ки инкишофи муносибатҳои иқтисодиро дар минтақа танзим мекунанд, ба риштаи таҳлил кашида шуданд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** дар заминаи истифодаи методҳои абстраксияи илмӣ, таҳлили иқтисодии низомманд ва қиёсӣ, ошкор сохтани ҳаммонандиҳои (аналогҳои) сохторӣ, принсипҳои алоқаи мутақобилаи омилҳои объективию субъективӣ дар рушди равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳамчунин

усулҳои моделсозии иқтисодӣ-математикӣ ва таҳлили мантиқӣ-сурӣ (формалӣ) ташаккул ёфтаанд.

**Сарчашмаи таҳқиқотро** маводи омори расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, пойгоҳи меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҳуҷҷатҳои форуму конференсияҳои илмӣ, ки муаммоҳои рушди иқтисоди минтақа ва низоми истеҳсолии ҳудудиро инъикос мекунанд; асарҳои илмӣ ва ҳисоботи ташкилоти тадқиқотӣ, ки ба масоили сармояи инсонӣ бахшида шудаанд; натиҷаҳои пурсишҳои сотсиологӣ, ки дар ҳудуди вилояти Суғд гузаронида шудаанд, ҳамчунин мушоҳидаҳои муаллиф дар рафти корҳои таҳқиқотии соҳавӣ ташкил кардаанд.

**Пойгоҳҳои тадқиқотро** интишороти бунёдии илмии мутахассисони ватанию хориҷӣ, ки ба масъалаҳои ташаккул, такрористеҳсол ва идоракунии стратегии иқтидори инсонӣ дар сатҳи минтақа бахшида шудаанд, ташкил кардаанд. Ба ҳайси сарчашмаҳои муҳимтарин инчунин паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва барномавии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати молия ва дигар идораҳо, ки инкишофи сармояи инсониро дар мамлакат танзим мекунанд, мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Навгонии илмии** таҳқиқоти диссертатсионӣ рушди оияндавӣ ва амиқ гардонидани заминаҳои назариявӣ-методологии консепсияи сармояи инсонӣ, ки ҳамчун захираи стратегии калидии маҷмуи хоҷагии минтақавӣ дида мешавад, ҳамчунин таҳияи пешниҳодот ва тавсияҳо оид ба ташаккул ва истифодаи самарабахш дар низоми рушди иқтисоди минтақавӣ нигаронидашударо дар бар мегирад.

Ба қатори натиҷаҳои илмии муҳим, ки унсурҳои аслиятро доро мебошанд, муқарраротии зерин дохил мешаванд:

– низомбандии консепсияҳои назариявии сармояи инсонӣ сурат гирифтааст, ки дар асоси он ба мақсад мувофиқ будани равишҳои илмии баррасии моҳияти сармояи инсонӣ ҳам дар буриши миллӣ ва ҳам дар буриши минтақавӣ мудаллал сохта шудааст. Аз мавқеи минтақа «сармояи инсонӣ чун маҷмуи донишу малакаи махсуси касбӣ, иқтидори зеҳнӣ, қобилиятҳои созандагӣ, истеъдодҳои модарзодӣ, саломатии ҷисмонию равонии андухтаи захираҳои меҳнатии минтақа, ки ба ноил гардидан ба мақсадҳои стратегии рушди минтақа саҳм мегузоранд, баррасӣ мешавад» ва дар ин қарина ба қисми таркибии боигарии минтақа табдил меёбад;

– принсипҳои идоракунии рушди сармояи инсонӣ дар андозагирии ҳудудӣ асоснок ва ба ду қисми таркибӣ ҷудо карда шудааст: якум, принсипҳои ташаккули сармояи инсонӣ, ки ба он мансуб дониста шудааст; самтгирӣ, авлавият, низоммандӣ, мутобиқшавӣ; дувум, принсипҳои истифода, ки ба он дохил мешаванд: самарабахшӣ, риояи тавозуни манфиатҳо, ба мулоҳиза будани қарорҳо, ҳамоҳангии амалҳо ва устувории алоқаи акс. Равиши муаллифӣ, методӣ ба арзёбии арзишии сармояи инсонӣ, ки ба ҳамгироии харҷҳои ретроспективӣ ба ташаккули он ва даромадҳои пешгӯишаванда асос меёбад, пешниҳод шудааст;

– арзёбӣ шудааст, ки сармояи инсонии вилояти Суғд дар давраи ибтидоии ташаккул қарор дорад ва ин мулоҳиза ба тариқи зайл асоснок шудааст: мавҷудияти норасоии кадрҳои баландихтисос ҳангоми зиёд будани захираҳои меҳнатӣ; набудани тавозун байни талабот ва пешниҳодот дар бозори меҳнат. Вале асоснок карда шудааст, ки қисми таркибии касбии сармояи инсонӣ дар вилояти Суғд ба қадрии кофӣ пуршиддат мегузарад, ки бо якбора зиёд шудани талабот ба меҳнати баландихтисос дар пояи истифодаи васеи техника ва технологияи нав алоқаманд аст. Ошкор карда шудааст, ки байни сатҳи тахассусмандии захираҳои меҳнатӣ ва динамикаи рушди иқтисодии минтақавӣ дар вилояти Суғд коррелятсияи зичи баланд мавҷуд аст, ки он дар афзоиши тадриҷии ҳиссаи саҳми кадрҳои касбӣ дар рушди ММД инъикос меёбад;

– мавҷудияти номутаносибӣ байни низоми тайёркунии кадрҳо ва истифодаи сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд исбот шудааст. Мулоҳизаи мазкур бо он мудаллал гардидааст, ки кадрҳои дорои маълумоти олӣ дар минтақа камтар аз чоряки теъдоди умумии одамони машғулро ташкил мекунад. Миқдори мутахассисон барои соҳаҳои баландтехнологияи иқтисодиёт бошад аз даҳяк ками хатмкунандагони мактабҳои олиро ташкил мекунад, ки аз меъёрҳои байналмилалӣ хеле кам аст. Асоснок шудааст, ки сармояи инсонӣ тавассути иқтидори шахсият дар идрати мавҷудияти шароити мувофиқ барои худтатбиқи меҳнатӣ амалӣ гардонида мешавад. Дар ин самт ошкор карда шудааст, ки номутавозинии касбӣ дар ҷанбаҳои зерин ифода меёбад: аввалан, мутахассиси баландихтисос мансаберо ишғол мекунад, ки сатҳи салоҳиятнокии ӯро талаб наменамояд; дувум, мансаберо, ки сатҳи баланди омодагии касбиро талаб менамояд, кадрҳое ишғол мекунанд, ки ихтисосмандиашон паст аст ё умуман ихтисосмандӣ надоранд;

– модели иқтисодӣ-математикии арзёбии дараҷаи ҷалби сармояи инсонӣ ба иқтисодиёти минтақа таҳия гардида, дар асоси он ошкор карда шудааст, ки дар марҳилаи ҷории рушди вилояти Суғд ба динамикаи ММД омилҳое, аз қабили теъдоди мутахассисони хориҷӣ, кадрҳои соҳиби маълумоти олӣ, шумораи умумии одамони машғул таъсири аз ҳама бештари мусбат мерасонанд. Самтҳои оптимизатсия ва афзалиятҳо дар ташаккули сиёсати минтақавӣ оид ба тайёр кардани кадрҳо асоснок карда шудаанд;

– маҷмуи тадбирҳо оид ба идоракунии давлатии ташаккули сармояи инсонӣ барои баланд бардоштани фаъолнокии инноватсионӣ дар вилояти Суғд пешниҳод шудааст. Аз ҷумла, механизми шарикии давлатӣ-хусусӣ, ки ба кооператсияи зичи байни давлат, илм, низоми маориф ва бизнес такя мекунад; мукаммалгардонии низоми тайёркунии кормандони касбӣ бо назардошти талаботи бозори меҳнат, фаъолгардонии раванди ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ҳамчунин гузариш ба модели инноватсионӣ-самтгирии рушд. Асоснок карда шудааст, ки тайёр кардани мутахассиси нав – мутахассиси

формати инноватсионӣ, ки дорои дараҷаи баланди мутобиқшавӣ, созандагӣ ва мутаҳаррикии касбӣ мебошад, талаботи замони муосир ба ҳисоб меравад.

**Нуктаҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

- низомбандии равишҳои назариявӣ ба таҳқиқи сармояи инсонӣ сурат гирифтааст ва ба таърифи «сармояи инсонии минтақа» тасҳеҳ дохил карда шудааст;
- принсипҳои ташаккул ва истифода асоснок карда шудаанд, ҳамчунин равиши муаллифӣ ба арзёбии арзишии сармояи инсонӣ дар минтақа пешниҳод гардидааст;
- вазъи сармояи инсонӣ дар вилояти Суғд арзёбӣ шудааст, моҳияти он дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа асоснок карда шудааст;
- механизми амалӣ гардонидани сармояи инсонӣ дар иқтисоди минтақа асоснок карда шудааст, ҳамчунин сабабҳои ихтилоф дар корбасти он дар вилояти Суғд мудаллал карда шудааст;
- модели иқтисодӣ-математикӣ пешниҳод шудааст, ки дараҷаи таъсири сармояи инсониро ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Суғд арзёбӣ мекунад;
- маҷмуи тадбирҳо оид ба такмили низоми ташаккул ва истифоданамоии сармояи инсонӣ дар вилояти Суғд барои дурнамо муайян карда шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки муқаррароти назарияи иқтисодиёти минтақавӣ бо таҳлили амиқи равандҳои ташаккул ва таҳаввулоти сармояи инсонӣ дар шароити муҳити институтсионалии ба воҳиди мушаххаси ҳудуди хос бо махсусияти инфрасохтории ба он хос ва маҷмуи детерминантҳо, ки ба устуворӣ ва фаъолияти муътадили низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ таъсир мерасонанд, ғанӣ гардонида шудааст. Хулосаҳои дар рафти таҳқиқот ба даст омада метавонанд барои истифодаи амалӣ дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатии сатҳи минтақавӣ ва ҳудудӣ ҳини лоиҳакашӣ ва амалигардонии самтгириҳои стратегии рушди ҳудудӣ, ки ба баланд бардоштани натиҷабахшии механизмҳои ташаккул ва ҷалби иқтидори инсонӣ ба динамикаи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа нигаронида шудаанд, ба ҳайси асос хизмат кунанд. Конструксияҳои

методологӣ ва воситаҳои амалии дар кори диссертатсионӣ таҳия гардида, ки ба фаъолкунии сармояи инсонӣ дар ҷанбаи минтақавӣ мутаваҷҷеҳ сохта шудаанд, дар доираи фаъолияти Раёсати минтақавии рушди иқтисод, савдо ва мониторинги вилояти Суғд аз санҷиш гузаштаанд (маълумотнома оид ба татбиқ №166/1 аз 10.01.2025).

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия** бо он тасдиқ мегардад, ки муаллиф муқаррароти калидӣ, хулосаҳои таҳлилӣ ва тавсияҳои пурмуҳтавоеро ҳамаҷониба баррасӣ ва низомбандӣ кардааст, ки дар асарҳои бунёдии муҳаққиқони пешбари ватанӣ ва хориҷӣ, ки бахшида ба масъалаи сармояи инсонӣ дар рушди минтақа таҳқиқот мебаранд, ироа гардидаанд,. Ба туфайлии ин асоснокии пойгоҳи назариявӣ-методологӣ ва мудаллалии мавқеи муаллифӣ оид ба масоили мавриди таҳлил таъмин шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Доираи таҳқиқот ба шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат менамояд. Алалхусус, бо бандҳои: 8. Нақши омилҳои ниҳодӣ дар рушди низомҳои иқтисодии минтақавӣ. Вижагиҳои минтақавии шаклдигаркунии муносибатҳои моликиятдорӣ, таъсири онҳо ба сохтор ва самаранокии амалкард ва инкишофи низомҳои иқтисодии минтақавӣ. 13. Сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат дар сатҳи минтақаҳо; таҳлили хусусиятҳо ва арзёбии самаранокии сиёсати иқтисодии давлат дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақаҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва ҳудудҳо. 14. Идоракунии иқтисодиёти минтақавӣ. Шаклҳо ва механизмҳои ҳамкории мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои тиҷоратӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ. Вазифаҳо ва механизмҳои идоракунӣ. Асосноккунии методӣ ва коркарди ангораҳои ташкилӣ ва механизмҳои идоракунии иқтисодиёти минтақаҳо; арзёбии самаранокии онҳо. 19. Самаранокии истифодаи омилҳои истеҳсолот дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо. Бартариятҳои мутлақ ва нисбии кластерҳои иқтисодии минтақавӣ. 22. Инкишофи бозори

минтақавии меҳнат. Иқтидори меҳнатӣ дар минтақаҳо ва вижагиҳои идоракунии он. Муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар минтақаҳо. Вижагиҳои ҷойгиркунии минтақавии иқтидори меҳнатӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Диссертатсия натиҷаи кори мустақилонаи илмӣ-тадқиқотии муаллиф мебошад. Муқаррароти илмӣ, хулосаҳои ҷамъбастӣ ва тавсеаҳои амалиямеҳваре, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ироа гардидаанд, маҳсули кори мустақилонаи таҳлилии муаллиф мебошанд ва ба омӯзиши амиқи хусусиятҳои минтақавии ташаккул, рушд ва танзими давлатии сармояи инсонӣ асос ёфтаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Консепсияҳои умда, хулосаҳои ҷамъбастӣ ва муқаррароти назариявӣ-амалии дар рафти таҳқиқи диссертатсионӣ ироа гардида дар форумҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳои махсус ва аз минбарҳои мубоҳисавии экспертӣ пешниҳод шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар як қатор интишороти илмӣ инъикос ёфтаанд, инчунин дар фаъолияти амалии мақомоти минтақавии идоракунии минтақавӣ ва дар доираи кори экспертӣ-таҳлилӣ, аз ҷумла дар конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Тоҷикистон дар асри XXI: дурнамои рушди устувори иқтисодиёти миллӣ» (Хуҷанд, 27 ноябри соли 2014); On-line конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Менеҷменти субъектҳои хоҷагидор: масоил ва дурнамои рушд» (Житомир, 21-23 декабри соли 2017); Фишурдаҳои конференсияи II байналмилалии илмӣ-амалии «Модели соҳибкории иқтисодиёт оид ба идоракунии рушди соҳибкорӣ» (Житомир, 6-8 ноябри соли 2019) истифода шудаанд. Муаллиф инчунин дар Интернет-конференсияи IV байналмилалии илмӣ-амалии «Дурнамои иқтисодӣ-ҳуқуқии рушди ҷамъиятӣ, давлат ва кооператсияи матлубот» (Гомель, 31 марти соли 2023); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Рушди устувор дар соҳаҳои иқтисодиёт, суботи иҷтимоӣ, мувозинати экологӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон» (Хуҷанд, 23 апрели соли 2025) баромад кардааст. Натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчунин дар маҷаллаҳои илмии тавсиякардаи КОА интишор шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 20 интишороти илмӣ бо ҳаҷми умумии 7,1 ҷ.ч., аз ҷумла дар 6 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардида, инъикос ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқотро дар бар мегирад, хулоса ва тавсияҳои амалӣ иборат аст. Номгӯйи адабиёт 188 манбаъро дар бар гирифтааст. Ҳаҷми умумии кор аз 229 саҳифаи матни компютерӣ, 14 ҷадвал, 5 расм ва 1 диаграмма иборат мебошад.

## ҚИСМАТҲОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи интихоб гардида асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи он дар адабиёти илмӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот нишон дода шудааст, аслияту навгонии муқаррароти ба даст омада мудаллал карда шудаанд, аҳаммияти назариявӣ ва амалии онҳо ошкор карда шудааст, шаклҳои тасвиб ва сохтори кори диссертатсионӣ тавсиф шудаанд.

**Дар боби аввал – «Асосҳои назариявии ташаккул ва истифодаи сармояи инсонӣ дар минтақа»** – моҳият ва таҳаввули категорияи «сармояи инсонӣ», принсипҳои ташаккул ва истифодаи он дар минтақа, ҳамчунин асосҳои институтсионалии танзими сармояи инсонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар кори диссертатсионӣ таҳаввули ақидаҳо дар бораи сармояи инсонӣ – аз иқтисоди сиёсии классикӣ то консепсияҳои муосири иқтисодиёти дониш муфассалан баррасӣ шудааст. Зикр шудааст, ки агар дар асри XIX диққати асосӣ ба меҳнати ҷисмонӣ ва захираҳои моддӣ дода шавад, пас дар садаҳои XX-XXI таҳсилот, меҳнати зеҳнӣ ва қобилиятҳои созандагӣ аҳаммияти доминантӣ касб кардаанд. Асоснок карда шудааст, ки дар шароити рақобати глобалӣ маҳз сармояи инсонӣ ба захираи калидӣ табдил меёбад, ки рақобатпазирии

минтақаҳоро муайян мекунад. Ошкор карда шудааст, ки он табиати дугона дорад: чун захира – маҷмуи донишҳо, малакаҳо, салоҳиятҳо ва саломатӣ; чун натиҷа бошад – қобилияти воқеии самараи иҷтимоӣ-иқтисодиро тавлид кардани шахсият ва ҷамъият.

Асоснок карда шудааст, ки дар парадигмаи муосири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ омили асосии фаъоли рушд сармояи инсонӣ мебошад, омилҳои анъанавӣ – меҳнат, замин ва сармояи моддӣ бошанд ба омилҳои ғайрифаъол табдил меёбанд. Таҳти таъсири иқтисоддонони неоклассикии қарни XX (А. Маршалл [21], Т. Шулс [12], Г. Беккер [11]) категорияи сармояи инсонӣ чун низоми ҳамгирошудаи донишҳо, салоҳиятҳои касбӣ, малакаҳо ва саломатӣ, ки дар инсон таҷассум ёфтаанд, шарҳ дода мешавад. Чунин равиш имкон медиҳад маҷмуи донишу маҳоратҳои андӯхтаи фард чун захираи стратегӣ баррасӣ шавад, ки суръати афзоиш ва сифати тараққии иқтисодиёти минтақаро муайян мекунад. Инкишофи консепсия гузариши маркази назарияи иқтисодиро аз табиати боигарӣ ба шахсият ва фаъолнокии иқтисодии он инъикос кардааст; дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки таҳаввулоти ақидаҳо ба эътирофи сармояи инсонӣ чун муҳаррики асосии дигаргунсозиҳои инноватсионӣ оварда расонид (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. – Равишҳои асосӣ ба шарҳи мафҳуми «сармояи инсонии минтақа»**

| Муаллифон | Моҳияти аломатҳо (нишонаҳои хос) |
|---|---|
| Бабина С.И., Садовникова И.Ю. [15, с. 69-74] | Сармояи инсонии минтақа маҷмуи захираҳои инсонии дар ҳудуд тамаркузёфта мебошад, ки дорои донишу қобилият ва малакаҳои касбии андӯхта, вазъи саломатӣ ва сатҳи фарҳанг аст |
| Дьяков М.Ю. [20, с. 556-568] | Сармояи инсонии минтақа фонди дар натиҷаи инвеститсияҳо дар он андӯхтаи қобилиятҳо, донишҳо, маҳоратҳо, малакаҳо, саломатӣ, арзишҳои маънавӣ ва салоҳиятҳои фарҳангӣ мебошад, ки омили ҷудонашавандаи такрористеҳсоли ҷамъиятии минтақа ба ҳисоб меравад |
| Тугускина Г.Н. [27, с. 271-277] | Сармояи инсонии минтақаҳо қисми таркибии сармояи инсонии миллӣ мебошад |

| | |
|---|---|
| Усманов Д.И. [28, с. 62-72] | Сармояи инсонӣ яке аз омилҳои калидиест, ки комёбиҳои рушди иқтисодии минтақаро муайян мекунад. Он донишу малака ва маҳоратҳои андӯхтаро, ки сокинони минтақаи мушаххас доранд, дар бар мегирад |
| Акрамова З.Б. [14, с. 9] | Сармояи инсониро дар макросатҳ (миллӣ ва минтақавӣ) ва микросатҳ (корхона ва фарди алоҳида) баррасӣ кардан зарур аст. Дар макросатҳ сармояи инсонӣ саҳми минтақа ва мамлакатро ба сатҳи таҳсилот, тайёрии касбӣ ва салоҳиятнокӣ, саломатӣ дар бар мегирад ва маҷмуи сармояи инсонии тамоми аҳолии минтақа ё мамлакатро фаро мегирад |
| Ходиев Д.А. [30, с. 18-23] | Модели сесатҳа аз сармояи инсонии инфиродӣ, корпоративӣ ва миллӣ иборат аст. Дар ҳақиқат, сармояи инсониро чун категорияи низомманди таҳлил баррасӣ намуда, таъкид кардан лозим аст, ки бо вуҷуди шабоҳати асосҳои биологию физиологии он ташаккули сармояи инсониро аз бисёр ҷиҳат супориши иҷтимоии ҷамъият ва давлат муайян месозад |
| Хамидова С.Х. [29, с. 22] | Бисёрҷанбагии мундариҷаи мафҳуми «сармояи инсонӣ» нишон медиҳад, ки чун ҷузъи табиӣ ва таркибии равандҳое, ки дар ҷамъият дар фазою замони мушаххас ҷой доранд, «сармояи инсонӣ» на танҳо мутаносибан мутобиқшавӣ ба хусусиятҳои раванди ҷаҳонишавӣ идома медиҳад, балки ба хусусияти онҳо таъсири фаъол расонида, боиси ғанӣ шудани моҳият ва мазмуни сармояи инсонӣ мегардад, ки ин дар илова ва пурра гардидани таркиби сармояи инсонӣ дар таърифҳои муаллифони оянда инъикос меёбад |

**Манбаъ:** Муаллиф тартиб додааст.

Муаллиф шарҳу тавзеҳоти мухталифи сармояи инсониро ба риштаи таҳлил кашида, тамоюли онҳоро ба ошкор сохтани имкониятҳои истеҳсолии шахсият таъкид мекунад. Навгонӣ дар пешниҳоди типологияи бисёрсатҳа зоҳир мешавад, ки сатҳҳои инфиродӣ, корпоративӣ, минтақавӣ ва миллиро дарбар мегирад. Дар натиҷа таърифи муаллифии мафҳум пешниҳод шудааст: сармояи инсонии минтақа ҳаҷми андӯхтаи донишҳои нодир, маҳоратҳои касбӣ, иқтидори зеҳнӣ, қобилиятҳои созандагӣ, ангезаҳо ва саломатӣ мебошад, ки дар натиҷаи инвеститсияҳои муттасил ташаккул меёбад ва чун асоси фаъолияти самарабахши меҳнатӣ хизмат мекунад. Ошкор карда шудааст, ки маҳз таъсири

омехтаи маориф, илм, тандурустӣ ва муҳити институтсионалӣ инкишофи маҷмуии сармояи инсониро таъмин мекунад.

Дар кор зикр шудааст, ки дар шароити гузариш ба иқтисодиёти дониш зарурати таҳияи принсипҳои ташаккул ва истифодаи сармояи инсонӣ, ки ба рушди устувор мутаваҷҷеҳ аст, ба миён меояд. Асоснок карда шудааст, ки истеҳсолот ва соҳаи хизматрасонӣ бе кормандони баландмаърифату баландихтисос фаъолият бурда наметавонад, зеро маҳз онҳо аз худ кардан ва паҳн намудани технологияҳои навро таъмин мекунанд. Асоси равиши муосирро ғояе ташкил мекунад, ки рушди самарабахши истеҳсолот бе меҳнати дараҷаи мураккабиаш баланд, ки дониши амиқ, равиши эҷодӣ ва таҷдиди мунтазами салоҳиятҳоро тақозо менамояд, имконнопазир аст.

Дар диссертатсия принсипҳои пойгоҳие асоснок карда шудаанд, ки раванди такрористеҳсоли сармояи инсониро дар минтақа танзим мекунанд. Онҳо ба ду блок тақсим карда шудаанд: принсипҳои ташаккул, ки ба он мақсаднокӣ, афзалиятнокӣ, низоммандӣ, мутобиқшавандагӣ дохил мешаванд ва принсипҳои истифода, ки самарабахшӣ, тавозуни манфиатҳо, бамулоҳиза будани қарорҳо, ҳамоҳангии амалҳо, устувории алоқаи аксро дар бар мегирад. Равиши методии муаллифӣ ба арзёбии арзишии сармояи инсонӣ пешниҳод шудааст, ки ба ҳамгирони харољоти ретроспективӣ ба ташаккулёбии он ва даромадҳои пешгӯйишаванда аз истифодаи он асос меёбад.

Муаллиф ба хулосае расидааст, ки амалӣ гардонидани принсипҳои мазкур фаъолияти ҳамоҳанги оила, муассисаҳои маориф ва тибб, корфармоён ва давлатро тақозо мекунад. Танҳо ҷидду ҷаҳди якҷоя барои ташаккул ёфтани ангезаҳо ба рушди доимӣ шароит фароҳам меорад, ки он дар навбати худ, ба такрористеҳсоли устувори сармояи инсонӣ ва истифодаи самарабахши он мусоидат мекунад.

Нишон дода шудааст, ки ташаккули сармояи инсонӣ дар қаринаи муҳити институтсионалӣ, ки аз маҷмуи меъёрҳои расмӣ ва қоидаҳои ғайрирасмии танзимкунандаи ҳамкории иҷтимоию иқтисодӣ иборат аст, сурат мегирад (расми 1).




**Расми 1. – Таъсири муҳити институтсионалӣ ба рушди сармояи инсонӣ**

**Манбаъ:** Муаллиф дар асоси [14, с. 9]; [28, с. 62-72]; [30, с. 18-23] тартиб додааст.

Асоснок карда шудааст, ки маҳз омилҳои институтсионалӣ – низоми маориф, тандурустӣ, бозори меҳнат, танзими давлатӣ, инфрасохтори иҷтимоӣ, механизмҳои ҳуқуқию иқтисодӣ ба ҳайси шароити муайянкунандаи такрористеҳсоли босифати захираҳои меҳнатӣ баромад мекунанд. Ошкор карда шудааст, ки муҳити институтсионалӣ на танҳо сатҳи дониш ва тахассусмандии аҳолӣ, балки ангезиши онҳоро ба меҳнат, мутаҳаррикии иҷтимоӣ, имконияти худтатбиққунӣ ташаккул медиҳад. Дар натиҷа алоқаи мутақобилаи байни дигаргунсозиҳои институтсионалӣ ва динамикаи  сармояи инсонӣ тақвият меёбад: чи қадаре ки самарабахшии институтҳо баланд бошад, боздеҳ ва сифати захираҳои меҳнатӣ ҳамон қадар баландтар аст.

Асоснок карда шудааст, ки сармояи инсонӣ ҳодисаи стихиявӣ нест: сабаби инкишофи он амали маҷмуи томи механизмҳои институтсионалӣ мебошад,

такмили низоми маориф, тандурустӣ ва механизмҳои танзими бозори меҳнат бошад шарти асосии баланд бардоштани рақобатпазирии минтақа ва суръатафзоии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Муаллиф ҷанбаҳои рафторӣ ва сохтории институтҳои иҷтимоиро таҳлил кардааст. Собит гардидааст, ки тағйироти институтсионалӣ дар давраи пасошуравӣ ҳамзамон бо парокандашавии алоқаҳои хоҷагидорӣ, вайрон шудани институтҳои қаблан амалкунанда ва бад шудани мушаххасоти сифатии сармояи инсонӣ сурат гирифтааст. Алоқаи мутақобилаи бесуботии институтсионалӣ ва зарурати мутобиқшавии низоми ҳоҷагидорӣ ошкор карда шудааст: дигаргунсозиҳо метавонанд ҳам рушди иқтидори инсониро ҳавасманд гардонанд ва ҳам онро боздоранд.

Таҳқиқот нишон дод, ки танзими самарабахши сармояи инсонӣ ба ҳам омезиш додани институтҳои расмӣ (пойгоҳи ҳуқуқӣ, сиёсати иҷтимоӣ, барномаҳои давлатӣ) ва меъёрҳои ғайрирасмӣ (фарҳанг, анъанаҳо, амалияи дастаҷамъӣ)-ро тақозо мекунад. Ҳамин тариқ, ташаккули институтҳо мувофиқ бояд ҳамзамон бо стратегияи дарозмуддат, ки ба инкишофи маориф, илм ва тандурустӣ, таҳкими механизмҳои ҳуқуқӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолнокии инноватсионии аҳолӣ нигаронида шудааст, сурат гирад.

Ошкор карда шудааст, ки принсипҳои самарабахшӣ, дастрасии баробар ба боигарии иҷтимоӣ, адолат ва демократӣ будан асоси методологии такрористеҳсоли сармояи инсониро ташкил мекунанд, муҳити институтсионалӣ бошад шароитҳои ҷаҳорчубавиро барои инвеститсияҳо ташаккул медиҳад. Амалигардонии бомуваффиқияти иқтидори инсонӣ ҳамкории низомманди давлат, бизнес ва ҷомеаи шаҳрвандиро тақозо мекунад.

Мудаллал сохта шудааст, ки сармояи инсонӣ на танҳо чун маҷмуи хусусиятҳои инфиродии аҳолӣ, балки чун омили стратегии рушди минтақавӣ низ баррасӣ карда шавад. Он таҳти таъсири шароитҳои иҷтимоӣ, институтсионалӣ ва фарҳанги ташаккул меёбад ва ҳамчунин ба ҳайси шарти асосии рушди устувори иқтисодӣ баромад мекунад.

Пешниҳод шудааст, ки сармояи инсонӣ дар сохтори бисёрсатҳа – дар сатҳҳои инфиродӣ, корпоративӣ, минтақавӣ ва миллӣ баррасӣ карда шавад. Алоқаи мутақобилаи пойгоҳи захиравии минтақа ва мушаххасоти сифатии неруи корӣ, ки дар асоси он арзёбии интегралии сармояи инсонӣ ташаккул меёбад, мудаллал сохта шудааст. Схемаи ҳисобкунии арзиши сифати аҳолии аз лиҳози иқтисодӣ фаъоли минтақа пешниҳод шудааст. Он пайдарпайии марҳилаҳои таҳлилро инъикос мекунад: аз нишондиҳандаҳои ибтидоии иҷтимоӣ-демографӣ ва иқтисодӣ ба арзёбии сатҳи маориф, тайёрии касбӣ ва вазъи саломатии аҳолӣ, сипас ба методҳои арзишии ҳисобкард ва нишондиҳандаи ҷамъбастии арзиши сифати сармояи инсонӣ. Воситаи пешниҳодгардида нишон медиҳад, ки сифати захираҳои меҳнатӣ унсури ҷудонашавандаи пойгоҳи захиравии минтақа мебошад, арзёбии миқдорӣ ва арзишии он бошад ба сифати асоси таҳияи қарорҳои идоракунӣ дар соҳаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ хизмат мекунад.

**Дар боби дувум – «Вазъи муосир ва арзёбии истифодаи сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд»** – тавсифи умумии ташаккули сармояи инсонӣ дар минтақа, аз ҷумла параметрҳои демографӣ, таҳсилотӣ, касбӣ ва иҷтимоӣ пешниҳод шудаанд; самтҳои асосии истифодаи сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти минтақа ба риштаи таҳлил кашида шудаанд, модели омилии таъсири сармояи инсонӣ ба рушди иқтисоди минтақавӣ пешниҳод ва тасвиб шудааст.

Нишон дода шудааст, ки дар сохтори иқтисоди миллии ҳар мамлакат минтақаҳо чун инкубаторҳои ба худ хоси ташаккули муҳити иқтисодӣ, тавлиди ғояҳо, инноватсияҳо ва таъсиси корхонаҳои нав баромад мекунанд, ки асоси он паҳн кардану истифода бурдани донишҳо мебошад. Маҳз минтақаҳо барои пайдо шудани «нуктаҳои рушд» шароит ба вуҷуд меоранд. Омилҳои ҳаракатдиҳандаи рушди минтақавӣ беш аз пеш ба тарафи консепсия «иқтисоди донишҳо» ва «сармояи инсонӣ» мекӯчанд. Динамикаи иқтисодии минтақа бевосита бо салоҳиятҳои шахсият, донишҳо ва мушаххасоти касбии он, яъне иқтидори сармояи инсонӣ муайян карда мешавад. Зикр шудааст, ки омили

калидии чунин модели рушд маҳз сармояи инсонӣ ва унсурҳои пойгоҳии низомофари он – маориф ва илм мебошад, ки чун шартҳои муҳимтарини таҳкими амнияти миллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти мамлакат ба шумор меравtotal. Чунин равиш суръатафзоии рушди иқтисодиро, ки бо инкишофи неруҳои истеҳсолкунанда, гузаронидани дигаргуниҳои сифатӣ дар соҳаи иҷтимоӣ ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ чун захираи стратегии рушди иқтисоди миллӣ умуман ва иқтисоди минтақавӣ хусусан иртибот дорад, пешбинӣ мекунад. Арзёбии индикаторҳои макроиқтисодӣ, ки динамикаи рушди иқтисодии вилояти Суғдро инъикос мекунад, шаҳодат медиҳад, ки бо вуҷуди комёбиҳои ба дастомада ва тамоюли мусбати афзоиши умумӣ, суръати зиёдшавии ҳаҷми истеҳсолот тибқи самтҳои калидӣ ба қадри кофӣ баланд нест 17,8% масоҳати умумии ҷумҳуриро вилояти Суғд ташкил мекунад. Шумораи аҳолии вилоят соли 2023 28,6% шумораи умумии аҳолии ҷумҳуриро ташкил карда буд. Ҳиссаи аҳолии машғули меҳнат дар иқтисодиёт 35,2%, ҳиссаи ММД – 27,1%-ро ташкил мекунад. Тағйирёбии сохтори аҳолии машғули вилояти Суғд идома меёбад. Аз ҷумла агар он соли 2000 24,9%-ро ташкил карда бошад, дар охири соли 2023 аллакай ба 35,2% расидааст (ҷадвали 2). Дар кор мавҷудияти номутавозунии устувори байни суръати баланди афзоиши табиии аҳолӣ ва имкониятҳои маҳдуди таъсиси ҷойҳои кории хушсифат ва арзанда дар шароити дигаргунсозии иҷтимоӣ-иқтисодии идомаёбанда зикр шудааст.

**Ҷадвали 2. – Ҳиссаи вилояти Суғд дар ташаккули нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД, млн. сомонӣ | 1786,8 | 7206,6 | 24707,1 | 50977,8 | 83958,3 | 101076,4 | 115739,4 | 130000,0 |
| Аҳолии ҷумҳурӣ, ҳазор нафар | 6264,6 | 6842,2 | 7621,2 | 8551,2 | 9716,8 | 9886,8 | 10078,4 | 10200,0 |
| ММД ба ҳар сари аҳолӣ, ҳазор сомонӣ | 288,4 | 1062,8 | 3285,8 | 6031,7 | 8922,2 | 10312,0 | 11808,0 | 12745,1 |
| Аҳолии машғули меҳнат дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, ҳазор нафар | 1745 | 2112 | 2233 | 2381 | 2506 | 2534 | 2545 | 2568 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нархҳои соли 2023, млн. сомонӣ | 5995 | 10437 | 11923 | 16939 | 32467 | 39221 | 43025 | 46000 |
| МММ вилояти Суғд, млн. сомонӣ | 486,8 | 1764,5 | 5716,2 | 12036,9 | 21621,9 | 27465,4 | 31939,2 | 35177,4 |
| Ҳиссаи МММ вилояти Суғд дар таркиби ММД ҷумҳурӣ, бо % | 27,2 | 24,5 | 23,1 | 23,6 | 25,8 | 27,2 | 27,6 | 27,1 |
| Аҳолии вилояти Суғд, ҳазор нафар | 1901,8 | 2047,9 | 2247,6 | 2511,1 | 2783,0 | 2823,9 | 2870,0 | 2917,3 |
| Ҳиссаи аҳолии вилояти Суғд дар таркиби умумии шумораи аҳолии ҷумҳурӣ, бо % | 30,4 | 29,9 | 29,5 | 29,4 | 28,6 | 28,6 | 28,5 | 28,6 |
| Аҳолии машғули вилояти Суғд, ҳазор нафар | 434,0 | 729,5 | 771,1 | 798,7 | 845,0 | 882,8 | 885,1 | 902,7 |
| Ҳиссаи аҳолии машғул дар вилояти Суғд дар таркиби иштиғоли умумии аҳолии ҷумҳурӣ, бо % | 24,9 | 34,5 | 34,5 | 33,5 | 33,7 | 34,8 | 34,8 | 35,2 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатии вилояти Суғд бо нархҳои соли 2023, млн. сомонӣ | 1752,6 | 2858,9 | 3466,7 | 6726,3 | 16361,8 | 21253,9 | 24293,3 | 26188,1 |
| Ҳиссаи маҳсулоти саноатии минтақавӣ дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ дар ҷумҳурӣ, бо % | 29,2 | 27,4 | 29,1 | 39,7 | 50,4 | 54,2 | 56,5 | 56,9 |

**Манбаъ:** Муаллиф дар асоси [7, с. 10-14, 81-82, 249]; [8, с. 94, 257]; [10, с. 8-13, 79, 179]; [6] тартиб додааст.

Нишон дода шудааст, ки номутавозинӣ яке аз сабабҳои асосии ҳам муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ ва ҳам берунӣ ба ҳисоб меравад ва ҳамчунин боиси паҳн шудани иштиғоли микёсии ғайрирасмӣ мегардад, ки алҳол амалан ба ҳайси сегменти мустақили бозори меҳнати минтақавӣ баромад мекунад. Дар иртибот бо ин гуфтаҳо дар кор ба таҳқиқи сохтору махсусияти шуғли аҳолӣ, аз ҷумла бахши расмӣ, ки дар он ҷо масъалаи мутобиқати ҷои корӣ ба иқтидори тахассусӣ ва касбии кормандон ба мадди аввал мебароянд, ҳамчунин таҳлили тафриқаи соҳавии иштиғол бо назардошти мушаххасони синну солӣ-ҷинсии захираҳои меҳнатӣ диққати махсус дода шудааст.

Асоснок карда шудааст, ки самарабахшии истифодаи сармояи инсонӣ тавассути самарабахшии бахши воқеӣ муайян карда мешавад.Нишон дода шудааст, ки сатҳи иштиғол дар таркиби аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол дар минтақа кам мешавад. Ин нишондиҳанда шаҳодат медиҳад, ки шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол нисбат ба аҳолии машғул дар иқтисодиёт тезтар меафзояд (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. – Миқдори захираҳои меҳнатӣ, ки ба фаъолияти иқтисодии минтақа (вилояти Суғд) ҷалб шудаанд, ҳазор нафар**

| Номгӯйи нишондиҳандаҳо | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Захираҳои меҳнатӣ | 1021,7 | 1218,9 | 1387,0 | 1521,4 | 1630,8 | 1652,2 | 1675,2 | 1737,8 |
| Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол | 446,9 | 742,9 | 785,7 | 809,6 | 852,9 | 890,6 | 892,1 | 908,7 |
| Шуғли аҳолӣ, ҳамагӣ | 434 | 729,5 | 771,1 | 798,7 | 845,0 | 882,8 | 885,1 | 902,7 |
| Шуғл дар бахши воқеӣ | 300,2 | 290,6 | 269,4 | 256,5 | 281,7 | 283,6 | 286,4 | 287,3 |
| Шуғл дар бахши хизматрасонӣ | 151,7 | 126,1 | 129,3 | 145,5 | 150,7 | 154,4 | 151,6 | 151,2 |

**Манбаъ:** Муаллиф дар асоси [8, с. 94-95, 97-100, 103]; [10, с. 8-9, 79-81, 85] тартиб додааст.

Асоснок карда шудааст, ки детерминантҳои калидии ташаккул ва истифодаи сармояи инсонӣ шароити манзил, вазъи тандурустӣ ва низоми

маориф мебошанд. Зимнан таҳлил шаҳодат медиҳад, ки дар давраи солҳои 2000-2020 вазни қиёсии аҳолии дорои маълумоти олии касбӣ дар байни одамони 16-сола ва аз он калон тадриҷан меафзояд.Ҳисобҳои анҷомдодашуда барои ошкор сохтани як қатор қонуниятҳо имкон фароҳам овард. Аввалан, сармояи инсонии вилояти Суғд бо марҳилаи ибтидоии рушд тавсиф мешавад: норасоии кадрҳои баландихтисос баробари зиёд будани неруи кории пастихтисос ба мушоҳида мерасад. Дувум, номутавозинӣ байни низоми тайёркунии мутахассисон ва талаботи воқеии иқтисодиёти минтақа ошкор карда шудааст.

Исбот шудааст, ки ҳиссаи мутахассисон барои соҳаҳои баландтехнология аз даҳ фоиз аз теъдоди умумии хатмкунандагони мактабҳои олӣ зиёд нест, ки ин аз стандартҳои байналмилалӣ хеле паст аст. Ҳамчунин коррелятсияи зичи байни баланд шудани сатҳи таҳсилот ва динамикаи ММД ошкор карда шудааст. Моделҳои регрессионии таҳиягардида таъсири бевоситаи сатҳи маълумот ва тандурустиро ба суръати афзоиши ММД-и вилоят тасдиқ карданд (ҷадвали 4). Индекси таҳсилот дар вилоят аз 0,55-и соли 2018 дар соли 2023 то 0,63 афзудааст.

**Ҷадвали 4. – Индекси вазъи сармояи инсонӣ дар вилояти Суғд**

| Нишондиҳанда | Қимат (воҳиди шартӣ) | Мушаххасот | Хулоса |
|---|---|---|---|
| Индекси таҳсилот | 0,62 | Сатҳи пасти фарогирии маълумоти олӣ; тайёрии сусти кадрҳо барои соҳаҳои инноватсионӣ | Таҷдиди низоми маориф зарур аст |
| Индекси тандурустӣ | 0,70 | Сатҳи миёна; дастрасии маҳдуд ба хизматҳои тиббии хушсифат | Афзоиши инвеститсия ба тандурустӣ |
| Индекси шуғл | 0,65 | Ҳиссаи баланди кормандони пастихтисос; бекории пинҳонӣ | Инкишофи бозори меҳнат ва бозомӯзии касбӣ |
| Индекси интегралӣ | 0,66 | Марҳилаи ибтидоии рушди сармояи инсонӣ | Дастгирии низомманд ва ислоҳоти институтсионалӣ тақозо карда мешавад |

**Манбаъ:** Муаллиф дар асоси [8]; [10]; [6] ҳисоб кардааст.

Муқоисаи ноҳияҳои шаҳрӣ ва деҳот гузаронида шудааст, ҳамчунин номутаносибии сохторӣ ошкор карда шудааст (ҷадвали 5). Таҳлили сохтори шуғл шаҳодат медиҳад, ки ҳиссаи аҳолии машғул дар кишоварзӣ кам мешавад (аз 45% дар соли 2015 то 38% дар соли 2023), зимнан тамоюли афзоиши ҳиссаи аҳолии машғул дар саноат (аз 20% дар соли 2015 то 24% дар соли 2023) мушоҳида мегардад.

**Ҷадвали 5. – Муқоисаи индекси сармояи инсонӣ (ноҳияҳои шаҳрӣ ва деҳот)**

| Нишондиҳанда | Марказҳои шаҳрӣ | Ноҳияҳои деҳот |
|---|---|---|
| Индекси таҳсилот | 0,70 | 0,55 |
| Индекси тандурустӣ | 0,75 | 0,65 |
| Индекси шуғл | 0,68 | 0,60 |
| Индекси интегралӣ | 0,71 | 0,60 |

**Манбаъ:** Муаллиф дар асоси [8]; [10]; [6] ҳисоб кардааст.

Дар кор методи индексӣ истифода бурда шудааст, ки он имкон медиҳад ҷузъҳои алоҳидаи сармояи инсониро арзёбӣ карда, нишондиҳандаи интегралӣ бароварда шавад, ҳамчунин барои ошкор сохтани таъсири сармояи инсонӣ ба динамикаи ММД таҳлили омилӣ гузаронида шавад. Динамикаи индекси таҳсилот афзоиши тадриҷиро нишон медиҳад, ки он дар бораи тағйироти мусбат дар соҳаи иқтидори таҳсилот дарак медиҳад. Вале суръати афзоиш паст боқӣ мемонад. Муқоисаи ноҳияҳои шаҳрӣ ва деҳот тафовути назаррасро ошкор сохт: индекси интегралӣ дар шаҳрҳо 0,71, дар деҳот бошад 0,60-ро ташкил мекунад. Ин бошад далели инкишофи нобаробари сармояи инсонӣ мебошад. Сохтори иштиғол пастшавии тадриҷии ҳиссаи одамони машғулро дар кишоварзӣ ва зиёдшавии онро дар саноат ва соҳаи хизматрасонӣ нишон медиҳад. Тренди мазкур мусбат аст, вале афзоиши шуғл дар соҳаҳои инноватсионӣ нокофӣ боқӣ мемонад.

Арзёбии сатҳи ҳаёти аҳолӣ нишон дод, ки индекси рушди сармояи инсонӣ нисбатан баланд (0,48>0,68) буда, ин тамоюл хусусияти афзуншавӣ дорад. Аз ҷумла, дар солҳои 2000-2023 он 1,4 бор афзудааст, ММД вилояти Суғд 72,3 бор, индекси сатҳи ҳаёт 1,2 бор зиёд шудааст.

**Ҷадвали 6. – Индексҳое, ки вазъи сармояи инсонии вилояти Суғдро дар давраи солҳои 2000-2023 тавсиф мекунанд**

| Индексҳо | 2000 | 2010 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Индекси давомнокии умр ($I_1$) | 0,72 | 0,79 | 0,84 | 0,85 | 0,86 | 0,86 |
| Индекси сатҳи таҳсилот ($I_2$) | 0,713 | 0,754 | 0,786 | 0,794 | 0,793 | 0,792 |
| Индекси сатҳи ҳаёти аҳолӣ ($I_3$) | 0,02 | 0,18 | 0,34 | 0,39 | 0,40 | 0,41 |
| Индекси рушди иқтидори инсонӣ (ИРИИ = HDI) | 0,48 | 0,57 | 0,66 | 0,66 | 0,68 | 0,68 |

**Манбаъ:** Муаллиф дар асоси [8]; [10]; [6] ҳисоб кардааст.

Ҳамин тариқ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки як пункт зиёд шудани сатҳи рушди HDI боиси 1,2 пункти фоизӣ афзудани МММ мегардад. Ин хориқа, ба назари мо, пеш аз ҳама бо фарорасидани ба ном «давраи эҳёи иқтисодиёт» дар ҳаёти ҷомеа, ки соли 2000 оғоз ёфт ва алҳол низ идома дорад, вобаста аст.

Бо назардошти дараҷабандии синну солии мазкур имкони ҳисоб кардани хароҷоти миёна ба ҳар сари аҳолӣ, ҳамчунин муайян кардани бузургии хароҷоти буҷетӣ ба ҳар як сари аҳолӣ аз воситаҳои буҷети муттаҳида дар ретроспективаи солҳои 2000-2023 ба миён меояд (ҷадвали 7).

**Ҷадвали 7. – Динамикаи хароҷоти аҳолӣ аз рӯйи намудҳо ва хароҷоти буҷавӣ ба ҳар як сокин дар вилояти Суғд дар давраи солҳои 2000-2023 (ба сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | 2000 | 2010 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Арзиши талаботи физиологии одами болиғ | 10,0 | 109,62 | 368,84 | 480,91 | 472,04 | 549,5 |
| Хароҷоти инфиродӣ ба нигаҳдории манзил, нақлиёт ва соҳаи фарҳангу хушгузаронӣ | 4,76 | 94,59 | 234,02 | 373,52 | 329,95 | 528,39 |
| Хароҷоти миёна ба ҳар сари аҳолӣ ба таҳсилот, тандурустӣ ва ғайра | 0,39 | 9,21 | 38,61 | 40,99 | 45,04 | 56,91 |
| А = 1) + 2) + 3) – сармоя, пасандоз, арзиши ҳаёти як инсон | 15,15 | 213,42 | 641,47 | 895,42 | 847,03 | 1134,80 |
| $A_1$ – А то 5 сол шомилан (25%) | 3,79 | 53,36 | 160,37 | 223,86 | 211,76 | 283,70 |
| $A_2$ – А аз 6 то 12 сол шомилан (50%) | 7,58 | 106,71 | 320,74 | 447,71 | 423,5 | 567,40 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| $A_3$ – A аз 13 то 15 сол шомилан (80%) | 12,12 | 170,74 | 513,18 | 716,34 | 677,6 | 907,84 |
| $A_4$ – A аз 16 то 20 сол шомилан (100%) | 15,15 | 213,42 | 641,47 | 895,42 | 847,03 | 1134,80 |

**Манбаъ:** Муаллиф дар асоси [8, с. 159-170]; [10, с. 125-129] тартиб додааст.

Ҳисобҳо нишон доданд, ки арзиши сармояи инсонии вилояти Суғд дар синни 20-солагӣ дар солҳои 2000-2010 14,1 баробар, дар солҳои 2010-2020 3,2 баробар, дар солҳои 2020-2023 – 1,7 баробар зиёд шудааст. Сабаби ин тамоюл дар он аст, ки дар давоми давраи 2010-2023 афзоиши назарраси хароҷоти миёнаи ҳар сари аҳолӣ ба хариди мол ва пардохти хизматрасонӣ – 5,3 баробар ба амал омадааст. Ҳамзамон афзоиши ҳаҷми маблағгузории давлатӣ ба як инсон аз воситаҳои буҷети муттаҳида, ки ба молиягузории соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ равона карда мешаванд, ба қайд гирифта шудааст. Хароҷоти мазкур 5,6 баробар афзудааст. Арзиши қонеъ гардонидани талаботи пойгоҳии физиологии аҳолӣ дар ин давра 5 баробар зиёд шудааст, ки ҳамчунин ба афзоиши умумии арзиши сармояи инсонӣ таъсир расонидааст. Барои арзёбии миқдории саҳми сармояи инсонӣ ба рушди иқтисодӣ модели омилӣ пешниҳод мешавад, ки маҷмуи нишондиҳандаҳоро ба ҳисоб мегирад: шумораи мутахассисони хориҷӣ, шумораи одамони дорои маълумоти олӣ ва миёнаи касбӣ, маҷроҳои муҳоҷиратӣ (муҳоҷирони омада ва рафта), сатҳи бекории расмӣ, ҳаҷми неруи кории то охир истифода нашуда (аз ҷумла хонандагон) ва шумораи умумии одамони машғул. Равиши методӣ таҳлили вазъи ҷории иҷтимоӣ-иқтисодӣ, таҳлили сохтории таҳсилот ва иштиғол, ошкор сохтани тамоюлҳои тағйирёбии таркиби иқтидори меҳнатӣ ва таҳияи моделҳои регрессиониро дар бар мегирад (ҷадвали 8).

**Ҷадвали 8. – Вобастагии истифодаи сармояи инсонӣ аз омилҳои асосии муҳити беруна**

| Сол-ҳо | I | II | III | IV | V | VI | VII | VIII |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **2019** | 20537,1 | 654 | 2030475 | 7803 | 11153 | 8,9 | 840,2 | 820,1 |
| **2020** | 21621,9 | 203 | 2110771 | 6395 | 9394 | 7,9 | 777,9 | 845,0 |
| **2021** | 27465,4 | 1323 | 2146164 | 7683 | 9225 | 7,8 | 761,6 | 882,8 |
| **2022** | 31939,2 | 1472 | 2186940 | 6834 | 8711 | 7,0 | 783,1 | 885,1 |
| **2023** | 35177,4 | 1641 | 2216869 | 6042 | 7600 | 6,0 | 829,1 | 902,7 |
| ***Шарҳ:*** ***I*** *- МММ, млн. сомонӣ;* ***II*** *– Шумораи мутахассисони хориҷӣ, нафар;* ***III*** *– Шумораи одамони маълумотдор, нафар;* ***IV*** *- Шумораи муҳоҷирони воридшуда, нафар;* ***V*** *– Шумораи муҳоҷирони хориҷшуда, нафар;* ***VI*** *– Бекорони расман эътирофшуда, ҳазор нафар;* ***VII*** *– Неруи кории то охир истифоданашуда, аз ҷумла хонандагон, ҳазор нафар;* ***VIII*** *– Миқдори ҷойҳои кор (машғулон)* | | | | | | | | |

**Манбаъ:** Муаллиф дар асоси [8]; [9]; [10] тартиб додааст.

Барои муайян кардани вобастагии истифодаи сармояи инсонӣ аз омилҳои асосии муҳити беруна мо пешниҳод мекунем, ки муодилаи регрессияи намуди зерин истифода шавад:

$$\boldsymbol{Y = a + b_1x_1 + b_2x_2 + b_3x_3 + b_4x_4 + b_5x_5 + b_6x_6 + b_7x_7}$$

дар ин ҷо: $Y$ – МММ, млн. сомонӣ; $x_1$ - шумораи мутахассисони хориҷӣ, нафар; $x_2$ - шумораи одамони маълумотдор, нафар; $x_3$ - шумораи муҳоҷирони воридшуда, нафар; $x_4$ - шумораи муҳоҷирони хориҷшуда, нафар; $x_5$ - бекорони расман эътирофшуда, ҳазор нафар; $x_6$ - неруи кории то охир истифоданашуда, аз ҷумла хонандагон, ҳазор нафар; $x_7$ - миқдори ҷойҳои кор (машғулон).

Барои тартиб додани муодилаи регрессияи маҷмуи пешакӣ матритсаи коррелятсионӣ (ҷадвали 9) сохта дода шуд, ки дараҷаи алоқаи мутақобилаи байни МММ ва нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодиро инъикос мекунад. Таҳлили қиматҳои ба даст омада мавҷудияти вобастагии сахти хаттии байни МММ ва як қатор омилҳоро нишон дод, ки байни онҳо омилҳои зерин хеле муҳимманд: шумораи мутахассисони хориҷӣ (коэффисиенти коррелятсия $r$ = 0,91), шумораи одамони маълумотдор ($Y \in x_1$ = 0,94) ва шумораи одамони машғул дар ҷойҳои корӣ ($Y \in x_7$ = 0,94). Ин натиҷаҳо мавҷудияти алоқаи зичи

байни сатҳи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъоли минтақа ва истифодаи сармояи инсонӣ ҳамчун омили муҳимтарини рушдро тасдиқ менамояд.

**Ҷадвали 9. – Матритсаи коррелятсияи ҷуфт**

| | *Y* | $x_1$ | $x_2$ | $x_3$ | $x_4$ | $x_5$ | $x_6$ | $x_7$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Y | 1 | 0,915971 | 0,940302 | -0,51618 | -0,89026 | -0,93655 | -0,00174 | 0,946097 |
| $x_1$ | 0,915971 | 1 | 0,767853 | -0,13426 | -0,66509 | -0,72449 | 0,02945 | 0,858704 |
| $x_2$ | 0,940302 | 0,767853 | 1 | -0,65762 | -0,97764 | -0,96009 | -0,25825 | 0,970953 |
| $x_3$ | -0,51618 | -0,13426 | -0,65762 | 1 | 0,770709 | 0,775291 | -0,05677 | -0,48516 |
| $x_4$ | -0,89026 | -0,66509 | -0,97764 | 0,770709 | 1 | 0,976173 | 0,198582 | -0,92966 |
| $x_5$ | -0,93655 | -0,72449 | -0,96009 | 0,775291 | 0,976173 | 1 | 0,00593 | -0,90563 |
| $x_6$ | -0,00174 | 0,02945 | -0,25825 | -0,05677 | 0,198582 | 0,00593 | 1 | -0,27551 |
| $x_7$ | 0,946097 | 0,858704 | 0,970953 | -0,48516 | -0,92966 | -0,90563 | -0,27551 | 1 |

**Манбаъ:** Муаллиф дар асоси [8]; [9]; [10] ҳисоб кардааст.

Дар асоси ҳисобкуниҳои матритсаи коррелятсионӣ муодилаи зерин ҳосил шуд: $Y = (1{,}37x_1 + 0{,}01x_2) + (-0{,}60x_3) + (-0{,}63x_4) + (-0{,}78x_5) + (-0{,}05x_6) +$ $+25{,}5x_7 + 26{,}990.$

**Ҷадвали 10. – Модели пешгӯикунии маҳсулоти умумии минтақавӣ**

| *Y* | 1 |
|---|---|
| $x_1$ | 0,915971 |
| $x_2$ | 0,940302 |
| $x_3$ | -0,51618 |
| $x_4$ | -0,89026 |
| $x_5$ | -0,93655 |
| $x_6$ | -0,00174 |
| $x_7$ | 0,946097 |

**Манбаъ:** Муаллиф дар асоси [8]; [9]; [10] ҳисоб кардааст.

Зимнан 1 воҳиди ченак зиёд шудани $x_1$ боиси 0,915971 воҳиди ченак зиёдшавии Y ба ҳисоби миёна мегардад; 1 воҳиди ченак зиёд шудани $x_2$ боиси ба ҳисоби миёна 0,940302 воҳиди ченак зиёд шудани Y мегардад; 1 воҳиди ченак зиёд шудани $x_3$ боиси ба ҳисоби миёна -0,51618 воҳиди ченак кам шудани Y мегардад; 1 воҳиди ченак зиёд шудани $x_4$ боиси ба ҳисоби миёна -0,89026 воҳиди ченак кам шудани Y мегардад; 1 воҳиди ченак зиёд шудани $x_5$ боиси ба ҳисоби миёна -0,93655 воҳиди ченак кам шудани Y мегардад; 1 воҳиди ченак зиёд шудани $x_6$ боиси ба ҳисоби миёна -0,00174 воҳиди ченак кам шудани Y

мегардад; 1 воҳиди ченак зиёд шудани $x_7$ боиси ба ҳисоби миёна 0,946097 воҳиди ченак зиёд шудани Y мегардад.

Қимати пешгӯишавандаи маҳсулоти умумии минтақавӣ дар вилояти Суғд тадриҷан ихтисор меёбад, ки эҳтимол нишонаи мавҷудияти омилҳои манфӣ бошад.

Таҳқиқи ба субут расонида бо истифодаи модели иқтисодӣ-математикӣ ба ошкор сохтани як қатор омилҳои агрегиронида имконият дод, ки ба ташаккули сармояи инсонӣ дар иқтисоди минтақа таъсири назаррас мерасонанд. Ғайр аз ин, пешгӯйӣ нишон медиҳад, ки дар давраи кӯтоҳмуддат (то соли 2023) камшавии ҷашмгири ҳаҷми МММ ба қайд гирифта шудааст, ки зери таъсири омилҳои номусоид ба вуқуъ пайвастааст. Бо вуҷуди ин, минбаъд динамика ихтисори хавфи таназзули якбора ва эҳтимоли афзоиши сенарияи пойгоҳии рушдро нишон медиҳад, ки шаҳодати муҳиммияти сармояи инсонӣ чун муҳаррики калидии иқтисодиёти минтақавӣ ҳини ташаккули муҳити мусоиди берунаю дохила мебошад.

**Диаграммаи 1. – Динамикаи тағйирёбӣ ва қимати пешгӯишавандаи МММ дар вилояти Суғд**




**Манбаъ:** Муаллиф дар асоси [8]; [9]; [10] ҳисоб кардааст.

Динамикаи тағйирёбии МММ дар вилояти Суғд (диаграммаи 1) аҳаммияти мониторинг ва вокуниши саривақтиро ба тағйир ёфтани сармояи инсонӣ чун омили рушди иқтисодии минтақавӣ таъкид мекунад, зеро, ҳатто, дар сурати сенарияи пойгоҳии номусоид «буфер»-и назарраси имкониятҳо барои самараи иқтисодии мусбат вуҷуд дорад.

**Боби севум – «Самтҳои афзалиятноки татбиқи сармояи инсонӣ дар вилояти Суғд»** – ба таҳияи самтҳои амалии истифодаи сармояи инсонӣ дар минтақа бахшида шудааст. Дар он механизми ташкилӣ-иқтисодии инкишофи сармояи инсонӣ баррасӣ карда шуда, такмили танзими давлатӣ пешниҳод шуда ва нақши шарикии давлатӣ-хусусӣ (ШДХ) нишон дода шудааст. Собит карда шудааст, ки баланд бардоштани натиҷабахшии истифодаи сармояи инсонӣ коркарди механизми ташкилӣ-иқтисодиро талаб мекунад, ки ҳамкории давлат, бизнес, муассисаҳои таҳсилотӣ ва аҳолиро пешбинӣ менамояд. Амалияи ҷаҳонӣ тасдиқ мекунад: инвеститсия ба маориф, тандурустӣ ва инкишофи малакаҳои мутахассисони ҷавон боздеҳи олиро таъмин менамояд ва ба ташаккулёбии иқтисодиёт суръат мебахшад. Айни замон, шаҳрвандон на ҳамеша барои ба худашон сармоягузорӣ кардан воситаю иттилоот дар ихтиёр доранд, бинобар ин сохторҳои давлатӣ бояд барои дастгирии онҳо шароит фароҳам оранд.

Механизми пешниҳодшудаи ташаккули низоми тайёрии кадрҳо, ки ба дархостҳои саноат самтгирӣ шуда аст, таҷдиди пойгоҳи истеҳсолӣ, ба вуҷуд овардани соҳаҳои нави баландтехнологӣ ва баланд бардоштани ҷаззобияти минтақаро барои мутахассисон дар бар мегирад. Ба ҷавонон чун захираи стратегӣ диққати махсус дода шудааст. Нишон дода шудааст, ки амалигардонии бомувоффақияти механизм танҳо дар шароити ҳамоҳангсозии муътадили сиёсати таҳсилотӣ, инноватсионӣ ва инвеститсионӣ, ки ба ҳавасмандгардонии созандагӣ, нигоҳ доштани иқтидори инсонӣ дар минтақа ва таъмини рушди устувор нигаронида шудааст, имконпазир аст.

Ошкор карда шудааст, ки дар шароити дигаргунсозии муосири иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳтимоли ба гурӯҳи махсуси иҷтимоӣ ворид гардидани қисми назарраси ҷавонон, ки дар амалияи ҷаҳонӣ зери ихтисораи

NEET (Not in Education, Employment or Training) маъруфанд, яъне категорияи ҷавоне, ки на ба низоми таҳсилот ва на ба иштиғол ҷалб нашудаанд, рӯз ба рӯз зиёд мешавад. Эҳтимоли ба ин гурӯҳи заъфпазири иҷтимоӣ дохил шудан дар марҳилаи хатми маълумоти миёна меафзояд. Дар ин давраи буҳронӣ дар сурати набудани интихоби касбии идрокшуда ва ангезаҳои устувор барои ба даст овардани салоҳиятҳои касбӣ хавфи берун аз низоми маориф ва бозори меҳнат мондани ҷавонон ва ба ҳолати гузариши дуру дарози иҷтимоӣ ва номуайянӣ дучор гардидани онҳо вуҷуд дорад.

Нишон дода шудааст, ки натиҷабахшии нокифояи кори касбинтихобкунӣ дар минтақа имконияти ҳаракати бошууронаи мактабиёнро ба интихоб ва азхудкунии касб маҳдуд месозад, ки хавфҳои назарраси ҳам инфиродӣ ва ҳам иститутсионалиро ба миён меорад. Аз нуқтаи назари заъфпазирии иҷтимоӣ марҳилаи аз ҳама буҳронӣ лаҳзаи ба охир расонидани таълими касбӣ ва воридшавии минбаъда ба соҳаи иштиғоли аввалия ба ҳисоб меравад, ки ба давраи гузариш аз мақоми таълимгиранда ба нақши иштирокдори фаъоли фаъолияти иқтисодӣ ҳамзамон аст.

Таҳқиқ шаҳодат медиҳад, ки бо вуҷуди фаъолнокии муассисаҳои олии таълимӣ дар фазои касбинтихобкунӣ, онҳо аз рӯйи як қатор параметрҳо аз дигар иштирокдорон, ба мисли марказҳои шуғли минтақавӣ ва ташкилотҳои истеҳсолӣ қафо мемонанд. Сабаби ин ҳолат, ба андешаи мо, афзоиши серталабии абитуриентҳои эҳтимолӣ ва волидайни онҳо ба сифати иттилооти пешниҳодшаванда, ҳамчунин идроки ҳавасмандии худи мактабҳои олӣ ба пешбурди барномаҳо танҳо ба манфиати худ мебошад. Ин раванд дар шароити хавфҳои демографӣ, аз ҷумла бурунрафти кадрҳои баландихтисос аз минтақа тақвият меёбад. Ташхиси самтгирии касбии манфиатбори ҷавонон имкон дод, ки масири ҳаракати иҷтимоӣ ва меҳнатии он дар қаринаи ташаккули сармояи инсонӣ ва тарҳрезии стретагии амалигардонии ояндаи касбӣ пайгирӣ карда шавад.

Дар кор асоснок карда шудааст, ки гузаронидани иқтисодиёти миллӣ ва минтақавӣ такмил додани механизми танзими давлатии сармояи инсониро

тақозо мекунад. Омилҳое, ки ба инкишофи он таъсир мерасонанд, муайян карда шудаанд: демографӣ, институтсионалӣ, ҳамгирой, экологӣ, иқтисодӣ, истеҳсолю технологӣ. Типологияи васеи омилҳо имкон медиҳад ташхиси миқдорӣ гузаронида, қарорҳои идоракунӣ, ки ба таҳдиди сифатии сармояи инсонӣ нигаронида шудаанд, қабул карда шаванд.

Воситаҳое пешниҳод карда шудааст, ки алоқаи мутақобилаи сабабию оқибатии байни дархостҳои иқтисодиётро ба кадрҳои илмӣ ва мутахассисони баландихтисос ва вазъи низоми тайёркунии захираҳои касбии дорои маълумоти олӣ ва сатҳи баъди мактаби олӣ кушода медиҳад. Аз лиҳози консептуалӣ, равиши пешниҳодшуда се унсури баҳамалоқамандро дар бар мегирад, ки вобастагии мутақобилаи байни дараҷаи рушди хоҷагии миллӣ, иқтидори низоми маълумоти олӣ ва сохтори ҷомеаи илмӣ-педагогиро дар шароити мушаххаси фазоию замонӣ инъикос мекунанд. Ба ояндабинии талаботи иқтисодиёт ба кадрҳои илмӣ ва мутахассисони баландихтисос диққати махсус дода шудааст. Пешниҳод шудааст, ки нақшаи қабул ба аспирантура ва докторантура бо назардошти трендҳои демографӣ ва тағйирот дар низоми маориф тартиб дода шавад.

Ба мақсади арзёбии миқдории талаботи умумии иқтисодиёти минтақавӣ ба мутахассисоне, ки дорои маълумоти касбии сатҳи олӣ мебошанд, муаллиф модели тақлидии ҳамгиро шударо таҳия карда, аз санҷиш гузаронидааст, ки ба хусусиятҳои фаъолияти маҷмааи саноатии вилояти Суғд мутобиқ карда шудааст. Ифодаи сохтории модел дар намуди зерин ироа гардидааст:

$$П_{нх}(СВО, НР) = \sum_{i=1}^{n}\sum_{j=1}^{m} C_{ij} + \sum_{i=1}^{n}\sum_{j=1}^{m} ЭЗ_{ij} + \sum_{i=1}^{n}\sum_{j=1}^{m} М_{ij}$$

дар ин ҷо: *Cij* - талабот ба мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва кормандони илмӣ барои фаъолияти самарабахши корхонаҳои соҳаи *i* дар минтақаи *j*; *ЭЗij* - талаботи кадрӣ дар доираи иқтисодиёти дониш, ки дархостро ба мутахассисони баландихтисос ва кормандони илмие, ки барои инкишофи соҳа заруранд, икъикос мекунад; *Mij* - талаботи ҳисобӣ ба кадрҳои дорои

маълумоти олӣ ва кормандони таҳқиқотӣ тибқи дархостҳои вазоратҳои соҳавӣ ва идораҳо аз рӯйи самтҳои дахлдор.

Равиши пешниҳодшуда имкон медиҳад рушди стратегии иқтидори истеҳсолии минтақа бо нақшагирии тайёркунии мутахассисони баландихтисос ба таври маҷмуӣ алоқаманд карда шавад. Модели мазкурро ба сифати воситаи ташаккули супориши таҳсилотӣ, ояндабинии минтақавӣ ва мутавозин сохтани талаботу пешниҳодот дар бозори меҳнати тахассусманд истифода бурдан мумкин аст.

**Ҷадвали 11. – Арзёбии талаботи бахши саноатии вилояти Суғд ба мутахассисони баландихтисос**

| Номгӯйи нишондиҳандаҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Талабот ба мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва кормандони илмӣ барои соҳаи *i* | 834 | 990 | 864 | 955 | 1126 | 1298 |
| Талабот ба мутахассисони дорои маълумоти олии касбӣ ва кормандони илмӣ тибқи соҳаи *i* | 905 | 1384 | 1214 | 1349 | 1835 | 2135 |
| Талабот ба мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва кадрҳои илмӣ тибқи соҳаи *i* | 860 | 1197 | 964 | 1124 | 1203 | 1432 |
| Талаботи корхонаҳо ба мутахассисон | 2599 | 3571 | 3042 | 3428 | 4164 | 4865 |

**Манбаъ:** Муаллиф дар асоси [8, с. 109]; [10, с. 91] тартиб додааст.

Модели интихобшуда барои ояндабинии стандартҳои соҳавии таъминнокӣ бо мутахассисони баландихтисос, аз ҷумла кадрҳои дорои сатҳи маълумоти олӣ ва баъди мактаби олӣ ба сифати асос баромад мекунад. Дар доираи ҳисобкунии талабот методикаи экстраполятсияи бевосита, ки ба вобастагиҳои автокоррелятсионӣ асос ёфтааст, истифода мешавад. Ҳамчунин асбобҳои моделсозии тақлидӣ мавриди истифода қарор мегирад, ки ба амалӣ гардонидани арзёбии миқдории сенарияҳои алтернативии рушди иқтидори касбӣ-тахассусӣ имконият медиҳад.

Дар модел ба арзёбии омодагии низоми таҳсилоти олӣ ба ташаккули захираҳои кадрӣ ҳам дар қаринаи ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии

таҳсилотӣ ва ҳам ҳини нигоҳ доштани шаклҳои анъанавии таълим диққати махсус дода шудааст.

Ҷанбаҳои мусбати равиши пешниҳодгардида инҳоанд:

- ҳамгиро сохтани модели ҷойгиронии ҳудудии истеҳсолот ба консепсияи умумииояндабинии талабот ба мутахассисон, ки имкон медиҳад дархости асосноки кадрӣ дар сатҳи соҳа, корпоратсия, минтақа ва умуман давлат ташаккул дода шавад;
- таҳияи дурнамо оид ба миқдори мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва кормандони илмӣ дар асоси тамоюлҳои устувори ташаккули иқтидори таҳсилотӣ;
- муқаррар кардани алоқаҳои сабабию оқибатӣ байни қабул ва хатми аспирантура бо назардошти маҳдудиятҳои захиравии низоми маълумоти олӣ ва динамика методҳои тайёркунӣ;
- арзёбии талаботи иловагии аҳолӣ ба имкони гирифтани маълумоти олӣ дар пойгоҳи трендҳои демографӣ ва иқтидори хатмкунандагони маълумоти миёна (бо назардошти коэффисиенти хориҷ кардан), ки ба ташаккули параметрҳои асосноки қабул ба мактабҳои олӣ имконият медиҳад.

Дар модел ба баҳисобгирии хусусияти демографии минтақа, ки бо сатҳи баланди таваллуд ва афзоиши аҳолӣ тавсиф мешавад, диққати махсус дода шудааст. Параметри маҳдудкунандаи қабул буҳронӣ нест, баръакс он ба ташаккули схемаи нисбатан чандири методологииояндабинӣ мусоидат мекунад.

Дар рафти таҳқиқ асоснок карда шудааст, ки ҳамгироии ду модели консептуалии якдигарро пурракунанда – ҷойгиронии фазоии иқтидори истеҳсолӣ ва банақшагирии стратегии кадрӣ – платформаи (заминаи) методологияи боэътимодро барои коркарди механизмҳои самарабахши ташаккул ва истифодаи оқилонаи сармояи инсонӣ дар доираи иқтисодиёти миллӣ ташаккул медиҳад. Равишҳои пешниҳодкарда имкон медиҳанд:

– ба вуҷуд овардани захираҳои кадрие, ки ҳатталимкон бештар ба дархостҳои мубрам ва ояндадори иқтисодиёт аз ҳисоби баланд бардоштани асоснокии илмии арзёбиҳои пешгуйишаванда ҷавобгӯ аст;

– таъмин кардани сатҳи баланди эътимоднокии ҳисобкунӣ тавассути истифодаи методҳои чандир ва адаптивии банақшагирии талабот ба мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва баъди мактаби олӣ чун ҷузъи таркибии калидии сегменти инноватсионӣ-созандаи сармояи инсонӣ;

– ноил гардидан ба тақсими ҳудудии оптималии захираҳои меҳнатӣ бо назардошти дархостҳои минтақавӣ ба тайёр кардани мутахассисон, ки ба суроғаи Вазорати рушди иқтисодӣ ва савдо равона карда мешаавад;

– беҳтар намудани дақиқии таҳлили таъминнокии соҳаҳо ва муассисаҳо бо кадрҳои баландихтисос ҳам аз лиҳози расмӣ ва ҳам аз лиҳози мундариҷа тавассути таҳқиқ ва мониторинги мунтазами иқтидори кадрӣ.

Асоснок карда шудааст, ки дар шароити марҳилаи муосири рушди низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дигаргунсозӣ ба самти модели инноватсионии иқтисодиёт аломати асосӣ мегардад, ки дар навбати худ ба пешбарии талаботи нав ба сармояи инсонӣ чун ба захираи стратегии равандҳои таҷдидӣ боис мегардад. Амалияи байналхалқӣ ба таври боварибахш намоиш медиҳад: асоси устувори рушди инноватсиониро мутахассисони баландихтисос, босавод ва навпазир, ки ба мутобиқшавӣ ва тавлиди дониши нав қобилият доранд, ташаккул медиҳанд.

Нишон дода шудааст, ки механизми давлатии танзим бояд тақсимоти самарабахши хавф ва захираҳоро таъмин кунад, инвеститсияҳоро ба маорифу илм ҳавасманд гардонад, муҳити мусоиди институтсионалиро ба вуҷуд оварад ва ба фаъолнокии инноватсионӣ ангезиш бахшад. Бидуниояндабинии дарозмуддат ва ҳамоҳангсозии иштирокдорони бозори меҳнат таъмини такрористеҳсоли устувори сармояи инсонӣ имконпазир аст.

Дар кор қайд карда шудааст, ки яке аз воситаҳои асосии рушди сармояи инсонӣ шарикии давлатӣ-хусусӣ мебошад. Нишон дода шудааст, ки ШДХ дар шаклҳои мухталифи ташкилӣ-ҳуқуқӣ амалӣ мегардад ва ба инкишофи

сохторҳои омехтаи иқтисодӣ, ки дар онҳо манфиатҳои бахши оммавӣ ва соҳибкории хусусӣ ба ҳам меоянд, нигаронида шудааст. Модели мазкури идоракунӣ интихоби қарорҳои аз ҳама оқилона ва натиҷабахш дар идоракунии ҳам давлатӣ ва ҳам моликияти хусусӣ таъмин карда мешавад. Моҳиятан, ШДХ маҷмуи шаклҳои устувори ҳамкории байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва бизнес-сохторҳо мебошад, ки ба ҳалли якҷояи вазифаҳои муҳимми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бо шарти фоидаи дутарафа ва тақсими масъулият нигаронида шудааст. Муттаҳид сохтани ҷидду ҷаҳди давлат ва бизнеси хусусӣ ба сафарбар кардани захираҳои молиявӣ, технологӣ ва идоракунӣ барои тайёр кардан ва истифодаи самарабахши кадрҳо имконият фароҳам меорад. Дар доираи ШДХ давлат ба вуҷуд овардани муҳити институтсионалӣ ва инноватсиониро таъмин мекунад, ба маорифу илм молиягузорӣ мекунад, бахши хусусӣ бошад хавфҳои соҳибкориро ба зимма мегирад ва фоида ба даст меорад. Барои давлат иштирок дар шарикӣ на танҳо боиси афзоиши воридоти андозӣ мегардад, балки сабаби ба даст омадани боздеҳи васеи иҷтимоӣ, аз ҷумла таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сифати ҳаёт ва рушди иқтидори илмӣ-технологӣ мешавад. Дар натиҷа афзоиши устувори рақобатпазирии истеҳсолоти миллӣ ва баланд бардоштани ҷаззобияти маҳсулот ва хизматҳо дар бозори глобалӣ ташаккул меёбад.

Аломатҳои муҳими шарикӣ ҷудо карда шудаанд: сабти ҳуқуқии уҳдадориҳо, баробарҳуқуқии тарафҳо, тақсими боадолати хавф ва ҳамоҳангсозии манфиатҳо. Дар фаҳмиши васеъ ШДХ омилҳои андозӣ, қарзӣ ва ҳуқуқӣ, дастгирии содирот ва ҳимояи моликияти зеҳниро дар бар мегирад.

Бинобар ин, шарикии давлатӣ-хусусӣ яке аз механизмҳои калидии ба вуҷуд овардан, такрористеҳсол ва истифодаи самарабахши сармояи инсонӣ мебошад. Зарурати баланд бардоштани истифодаи самарабахши сармояи инсонӣ тавассути ҷорӣ намудани механизми ШДХ ба соҳаи таҳсилоти инноватсионӣ асоснок карда шудааст. Ин, аз ҷумла ба ташаккули бозори рақобатпазири хизматҳои таҳсилотӣ, миқёсбандии амалияҳои бомуваффақият ва ба роҳ мондани моделҳои устувори ҳамкории мактабҳои олӣ бо бахши

истеҳсолӣ мусоидат мекунад. Намояндагони бизнес, дар навбати худ, имкони ба мундариҷа ва сифати тайёрии касбии кадрҳо таъсир расониданро ба даст меоранд, ки ба хубтар мутобиқ гардидани хатмкунандагон ба талаботи ҷории иқтисоди миллӣ имкон медиҳад. Муассисаҳои таълимӣ дар шарикӣ бо давлат ва бахши хусусӣ ширкат варзида, бо манбаъҳои иловагии молиягузорӣ таъмин мешаванд, пойгоҳи моддию техникиро таҳким мекунанд, имкони тақвияти ҷузъи таркибии илмӣ ва тасвиби моделҳои ҳамгирокунандаро ҳосил менамоянд, ки дар умум мавқеи онҳоро дар бозори хизматҳои таҳсилотӣ пурқувват менамояд. Барои амалӣ гардонидани коркардҳои инноватсионӣ дар соҳаи таҳсилотӣ муассисаҳои олии таълимӣ метавонанд ба созмон додани шарикӣ дар шакли ШДХ ташаббус зоҳир кунанд. Нишон дода шудааст, уфуқи дарозмуддати лоиҳаҳо, дастрасӣ ба объектҳои давлатӣ ва молиягузорӣ, аз ҷумла субсидия ва дотатсия, диверсификатсия ва кам кардани хавфҳо, ҷорӣ намудани қарорҳои қатъӣ, баланд бардоштани сифати ҳам хизматҳои таҳсилотӣ, ҳам худи коркардҳои инноватсионӣ аз ҷумлаи афзалиятҳои ҳамгироии мазкур ба шумор мераванд. Асоснок карда шудааст, ки стратегияи таҳияи модели устувори ҳамкории бахшҳои оммавӣ ва хусусӣ бояд асоси ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ гардад. Ин ба пуршиддат шудани захираҳои инноватсионӣ, баланд бардоштани самарабахшии барномаҳои илмӣ ва таҳсилотӣ, ҳамчунин такмили хароҷоти давлатӣ, ки ба амалигардонидани ташаббусҳои иҷтимоимеҳвар равона карда мешаванд, мусоидат мекунад. Асоснок карда шудааст, ки барои тавсеа ва истифодаи пурмаҳсули сармояи инсонӣ байни давлату бизнес механизмҳои чандири ҳамкорӣ ҷорӣ кардан зарур аст, ки ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сифати ҳаёт ва инкишофи иқтидори илмӣ-технологии минтақа зарур аст.

## ХУЛОСА

Дар рафти таҳқиқот хулосаҳои асосии илмӣ ва натиҷаҳои амалии зерин ба даст омадаанд:

1. Муқаррар гардидааст, ки аҳаммияти рӯзафзуни сармояи инсонӣ чун омили калидии баланд бардоштани самарабахшии фаъолияти иқтисодиёти миллӣ, махсусан дар мамлакатҳое, ки дар ташаккули иқтисодиёти ба дониш асос ёфта ба комёбиҳои назаррас ноил гардидаанд, талаботро ба таҳқиқи амиқтари ин хориқа ва коркарди равишҳои стратегие, ки ба тақвияти таъсири он ба равандҳои рушди глобалии иқтисодиёт равона шудааст, ба миён овард. Барои ҳалли масъалаи мазкур ташкилотҳои пешбари байналмилалӣ, аз қабили Созмони ҳамкории иқтисодӣ, ки таърифи боэътимоди сармояи инсониро пешниҳод кардааст, фаъолона ҳамроҳ мешаванд. Дар таърифи мазкур ба вазифаи ибтидоии сармояи инсонӣ – «мусоидат кардан ба ташаккули некуаҳволии шахсӣ, ҷамъиятӣ ва иқтисодӣ» таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Дар асоси ин равиш ба хулосае расидан мумкин аст, ки асоси рушди устувор ва гулгулшукуфоии аҳолӣ, давлатҳо ва минтақаҳои алоҳида тавсеа ва таҳкими мақсадноки сармояи инсонӣ ба шумор меравад, ки сармоягузории низоммандро ба захираҳои зеҳнии шахсият, такмили доимии онҳо ва мутобиққунии донишҳои маҷмуии инсониятро ба шароити тағйирёбандаи рушди иҷтимоӣ ва табиӣ, ҳамчунин ба талаботи давлат, илм ва ҷамъият дар умум пешбинӣ мекунад [1-М].

2. Исбот шудааст, ки барои таҳлили комилиёр ва фаҳмиши табиати сармояи инсонӣ тафриқабандаи мавзуъро тибқи сатҳҳо ба анҷом расонидан лозим аст: инфиродӣ, корпоративӣ, ҳудудӣ, минтақавӣ ва миллӣ. Чунин тасниф имкон медиҳад пойгоҳи методологӣ барои ба вуҷуд овардани воситаҳое, ки андозагирии миқдории мушаххасоти сифатии иқтидори инсониро имконпазир мегардонанд, нисбатан аниқ ташаккул дода шавад. Ин бошад, дар навбати худ ба арзёбии сатҳи рушди сармояи инсонӣ дар сатҳҳои инфиродӣ, корпоративӣ, минтақавӣ ва миллӣ имкон медиҳад, ки натиҷаҳои он барои ташаккули самтҳои стратегӣ дар соҳаҳои калидӣ – низоми маориф, фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ, тандурустӣ ва соҳаҳои дигар, ки ба ошкор сохтану афзоиш додани иқтидори инсонӣ таъсири бевосита мерасонанд, пойдевор мегардад. Чунин мушаххаса бояд ба шароити замону фазо ба таври чандир мутобиқ карда шавад ва ба

дархостҳои ҷорӣ ва дурнамои давлат, ҷомеаи илмӣ, иқтисодиёт ва умуман ҷамъият мувофиқат кунад [1-М].

3. Дар доираи таҳлили назариявии асосҳои мафҳумии сармояи инсонӣ ошкор карда шудааст, ки он маҷмуи захираҳои андӯхта ва ҳадафмандона ташаккулдодаи шахсият мебошад, ки донишҳои махсус ва бунёдӣ, малакаҳои касбӣ, қобилиятҳои зеҳнӣ, иқтидори эҷодӣ, салоҳиятнокӣ, сатҳи маълумот, истеъдоду маҳоратҳои модарзод, тахассусмандии ба даст оварда, ҳамчунин саломатии ҷисмонию равониро дар бар мегирад. Ин мушаххасот дар натиҷаи гузораҳои самарабахш ва муттасил ба инкишофи шахсият ташаккул меёбанд ва имкони амалигардонии фаъолият босамара ва пурмаҳсулро, ки ба он сифати арзандаи ҳаёт мурофиқат мекунад, таъмин менамоянд [9-М, 10-М].

4. Таҳаввули нақши сармояи инсонӣ дар низоми иқтисоди ҷаҳонӣ, ки дар рушди рӯзафзуни ҳиссаи омили инсонӣ дар ташаккули маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, махсусан сегменти баландихтисос ва созандаи он ифода меёбад, таҳлил шудааст. Тамоюлоти мазкур дар асарҳои илмии муҳаққиқон, ки ба комёбиҳои илми иқтисод ва амалияи муосир дар қаринаи инкишофи донишу технологияҳо такя мекунанд, инъикос ёфтааст [3-М, 8-М].

5. Таҳлили омехта ва арзёбии самтҳои афзалиятноки инкишофи илми ҷаҳонӣ, иқтисодӣ, ғайр аз ин арзёбии вазъи ҷорӣ ва стратегии соҳаҳоро бо дохил кардани онҳо ба ҳуҷҷати барномавӣ бо такя ба муҳиммияти рушд дар самти таъмини гузариши иқтисодиёт ба сатҳи нисбатан баланди инкишоф консепсияҳо ва соҳаҳои афзалиятноки хоҷагӣ ва илми миллиро, ки бояд босуръат тараққӣ кунад, таҳия менамояд. Пешгӯйиҳои қабулшуда дар ташаккули консепсияҳо, барномаҳою стратегияҳои дарозмуддат, ки татбиқи онҳо ба вазорату идораҳои дахлдор вогузор мегардад ва тахти ҳамоҳангсозии муттасили ҳукумати мамлакат қарор мегиранд, истифода мешаванд [5-М].

6. Исбот шудааст, ки равиши институтсионалӣ ба ташаккули сармояи инсонӣ ҳам дар шакли бевосита ва ҳам бавосита тавассути механизмҳои ташкилӣ ва низоми созишҳои институтсионалӣ таъсир мерасонад. Муҳити институтсионалӣ ба воситаи меъёрҳои муқарраршудаи кооператсия ва алоқаи

мутақобилаи рақобатӣ параметрҳои муҳити иҷтимоиро ташаккул медиҳад, ки дар он шахсият фаъолият мебарад ва ҳамзамон фаъолнокии иқтисодии онро танзим ва ҳидоят мекунад [14-М].

7. Муқаррар карда шудааст, ки дар шароити дигаргуншавии фазои институтсионалӣ, ки бо назардошти принсипҳои таҳлили институтсионалӣ мегузарад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шуури ҷамъиятӣ низоми нави идроки нақши меҳнати инсон ташаккул меёбад. Таҳаввулоти муқаррароти ҷамъиятӣ нисбат ба иқтидори созандаи шахсият тақозо мекунад, ки аз категорияҳои кӯҳнашудаи «захираҳои инсонӣ» ва «захираҳои меҳнатӣ» ба мафҳуми нисбатан муосири «захираҳои инсонӣ» гузарем ва баъдан сифатҳои истеҳсолии инсонро ба сифати захираҳои стратегӣ, ки чун «сармояи инсонӣ» ифода мегардад, эътироф кунем [10-М].

8. Низоми маориф «бакалавриати оммавӣ», «таркиши таҳсилотӣ» ва «инқилоби таҳсилотӣ» бо афзоиши тезу тунди талаботи ҷамъият ба меҳнати баландихтисос алоқаманд аст, ки дар натиҷаи мураккабшавии техникаю технология ва аз ҳама муҳим, дар натиҷаи инкишофи пуршиддати таркиби ташкилот ва корхонаҳое, ки иқтидорҳои истеҳсолии бисёр мамлакатҳоро муттаҳид месозанд ва амалан сохторҳои фародавлатии дорои сатҳи баланди таҷаммуи идоракунии ташкилотҳои азими илмӣ-техникӣ, истеҳсолӣ, савдо ва молиявӣ-миёнаравӣ мебошанд, ба миён омадааст [4-М].

9. Ташаккули сармояи инсонӣ чун вазифаи муҳимми ҳукумат дар мамлакатҳои онҳо боқӣ мемонад, ки дар ин бора консепсия ва стратегияҳои дар давраҳои мухталифи рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ таҳия ва амалӣ гардида шаҳодат медиҳанд. Амалӣ гардонидани консепсияю стратегияҳои мазкур заминаҳои наздикшавии асимптотикии таркибу сохтори сармояи инсонии минтақаҳо, аз ҷумла, умуман иқтисоди миллиро ба талаботи охиринҳо ба вуҷуд меорад, ки мумкин аст асосҳои истифодаи самарабахши сармояи инсониро фароҳам оранд [12-М].

10. Пешниҳод шудааст, ки дар иқтисоди минтақа сармояи инсонӣ асосан аз мутахассисони созанда, баландмаърифат ва босалоҳияти дорои маълумоти олӣ

ва баъдидонишгоҳӣ иборат бошад, ки вазни қиёсии онҳо тибқи муқаррароти иқтисоди когнитивӣ дар муҳити ҷамъияти иттилоотӣ бояд камаш 60% аҳолии аз лиҳози иқтисодӣ фаъолро ташкил кунад; тақсими теъдоди аҳолӣ аз минтақаи дар иқтисодиёт машғул аз рӯи сатҳи маърифатнокии воқеӣ бо ҳисоби фоиз аз теъдоди умумии онҳо, ки дар иқтисодиёт машғуланд, сурат мегирад ва тамоюли тағйирёбии ин таносуб арзёбӣ мегардад [4-М].

11. Асоснок карда шудааст, ки истифодаи самарабахши сармояи инсонии вилояти Суғд ва хоҷагии миллӣ дар умум маънои онро дорад, ки ҳар як ҳомили сармояи инсонӣ имкони худтатбиқкунӣ дорад ва ҳар як ҷойи кориро мутахассиси дорои мушаххасоти ба он мувофиқ ишғол кардааст ва, аз ҳама муҳиммаш, маҳсулоти истеҳсолкардаи сармояи инсонӣ ҳам дар бозори дохилӣ ва ҳам дар бозори беруна дархост мегардад [11-М].

12. Асосҳои назариявӣ-амалии ташаккули сармояи инсонӣ ироа гардидаанд, ки ҳатталимкон ба дархостҳои субъектҳое, ки ба мушаххасоти муҳтавоии он ҳавасманданд, ҷавобгӯ мебошад. Ноил гардидан ба ин мақсад аз ҳисоби баланд бардоштани мудаллалии илмӣ ва муътамадии амалии арзёбии талаботи сатҳҳои гуногуни низоми хоҷагидорӣ – миллӣ, соҳавӣ, корпоративӣ, ҳудудӣ ва минтақавӣ таъмин карда мешавад. Чунин равиш ба ташаккули ҳамкории синергетикии байни талабот ва пешниҳодот ба сармояи инсонӣ мусоидат мекунад, ки дар ниҳояти кор, боиси тақвияти самарабахшии фаъолияти низоми иқтисодӣ мегардад [16-М].

13. Асосҳои консептуалии ташаккули сармояи инсонӣ ироа гардидаанд, ки ҳатталимкон ба дархостҳои истеъмолкунандагони асосии он мутобиқ карда шудаанд. Ин кор тавассути баланд бардоштани дараҷаи мудаллалии илмӣ ва асоснокии амалии арзёбии талаботи сатҳҳои гуногуни низоми иқтисодӣ – аз миллию соҳавӣ то корпоративӣ, ҳудудӣ ва минтақавӣ ба даст оварда мешавад. Чунин равиш ташаккули самараҳои пурракунанда ҳамдигарро, ки байни низоми тайёркунии кадрҳо ва иқтисодиёт ҳамкории синергетикиро ба вуҷуд меорад ва он дар ниҳояти кор ба афзоиши сермаҳсулии умумӣ ва натиҷабахшии фаъолияти хоҷагидорӣ мусоидат менамояд, таъмин мекунад [15-М].

14. Муқаррар карда шудааст, ки низоми ташаккул ва истифодаи натиҷабахши сармояи инсонӣ дар сатҳи минтақавӣ ба риояи маҷмуи принсипҳои асосӣ такя мекунад, ки амалигардонии онҳо ташаккули шароитҳои мусоидро барои қонеъ кардани талаботи иқтисодиёт ба захираҳои инсонӣ, пеш аз ҳама, дар самти созандагӣ, тайёрии касбӣ ва ташаббускории онҳо таъмин менамояд [5-М].

15. Ба мақсади тақвияти фаъолияти инноватсионӣ дар низоми таҳсилот ба муассисаҳои таълимоти олӣ пешниҳод шудааст, ки механизми шарикии давлатӣ-хусусиро ҷорӣ намоянд. Ин шакли ҳамкорӣ як қатор афзалиятҳои калидӣ дорад. Аз ҷумла, хусусияти тамдид кардани амалигардонии лоиҳаҳои инноватсионӣ, пешниҳод кардани дастрасӣ ба объектҳои моликияти давлатӣ барои гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ, имкони гирифтани субсидия ва дотатсияҳои буҷетӣ, тавсияи миқёси фаъолияти лоиҳавӣ, тақсими самарабахши хавфҳо байни иштирокдорони шарикӣ, ҷорӣ намудани қарорҳои пешқадами технологӣ, ҳамчунин баланд бардоштани сифати ҳам барномаҳои таҳсилотӣ ва ҳам коркардҳои илмӣ, ки дар доираи чунин ҳамкорӣ амалӣ карда мешаванд [6-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО:

- Самарабахшии истифодаи сармояи инсонии субъектҳои хоҷагидорӣ (ташкилот, корхона, созмонҳои ҳудудӣ ва минтақавӣ) дар тавсифи маҷмуи нишондиҳандаҳое ифода меёбад, ки натиҷаи ниҳоии фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ ва ташкилӣ-ҳуқуқии онҳоро инъикос мекунанд.
- Муайян кардани арзиши умумии захираҳои инсонӣ ба ҳисобкунии хароҷоти умумие асос меёбад, ки ба як фард рост меояд. Ба он хароҷоти хӯрока, харидани либосу пойафзол, таъмини шароитҳои истиқомат, хизматрасонии нақлиётӣ, қонеъ гардонидани талаботи фарҳангӣ, анъанавӣ, рекреатсионӣ, ҳамчунин хароҷоти инфиродӣ дохил мешаванд. Ба тариқи илова инвеститсияҳои давлатӣ ба ҳар як шаҳрванд дар соҳаҳои тандурустӣ, маориф, иҷтимоишавӣ, аз лаҳзаи таваллуд ба ҳисоб гирифта мешаванд.

- Афзоиши босуръати ҳаҷми маблағгузорӣ ба як муҳассили низоми маориф новобаста аз сатҳи таҳсилот ва ба вуҷуд овардани шароити мусоиди ташкили муассисаҳои тиҷоратии таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва умумӣ ва муассисаҳои томактабӣ, ки ба фаъолияти бомуваффақияти на танҳо мактабу муассисаҳои томактабӣ поя мегузорад, балки барои тайёр кардани абитуриентҳо ба мактабҳои олӣ пойдевор мегардад, ки дар сурати баробар будани дигар шароитҳо барои бомуваффақият аз худ кардани барномаи сатҳи олӣ қобилият доранд.

- Тавсия шудааст, ки механизми мутобиқшавии муътадили иқтидори соҳаи маориф, махсусан низоми маълумоти олӣ ба талаботи иқтисодиёти муосир ба амал ҷорӣ карда шавад.

- Ба мақсади баланд бардоштани натиҷабахшии истифодаи сармояи инсонӣ дар сатҳи минтақавӣ воситаҳои ташаккули нишондиҳандаҳои назоратии қабул ва хатми донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ таҳия карда шудаанд. Моделҳои тақлидӣ, ки имкони пешгӯйии сенарияҳоро бо ба назар гирифтани дигаргуниҳои минбаъда, пеш аз ҳама, дигаргуниҳои марбут ба равандҳои модернизатсияи низоми таҳсилот умуман ва низоми таҳсилоти олӣ хусусан таъмин мекунанд, асоси ин воситаҳо мегарданд.

- Арзёбии натиҷабахшии ҷалб кардану истифода бурдани сармояи инсонӣ дар вилояти Суғд бояд ба маҷмуи шароитҳои калидӣ асос ёбад, ки ба истифодаи самарабахш, ҳадафманд ва оқилонаи он мусоидат мекунад:
  - кортаъминкунии хатмкунандагон аз рӯйи мавқеъҳое, ки ба ихтисоси гирифтаи онҳо ва самти тайёрии касбиашон мувофиқат мекунад;
  - фаъолона ҷорӣ намудани коркардҳои муосири технологӣ ба фаъолияти истеҳсолӣ ва таҷдиди доимии онҳо;
  - баланд бардоштанаи натиҷабахшии истеҳсолии меҳнат тавассути сермаҳсулии он ва истифодаи ҳалҳои инноватсионии техникӣ;
  - ташаккули низоми чандир ва ҳавасмандкунандаи пардохти музди меҳнат, ки дар умум бевосита бо афзоиши ҳосилнокӣ ва параметрҳои сифатии неруи корӣ алоқаманд мебошад.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025.
2. Закон Республики Таджикистан «Об образовании» от 22 июля 2013 года №1004 (В редакции Законов Республики Таджикистан от 14.03.2014г. №1081, 26.07.2014г. №1125, 15.03.2016г. №1295, 23.07.2016г. №1346, 28.08.2017г. №1462, 17.05.2018г. №1527, 17.12.2020г. №1738, 23.12.2021г. №1832, 19.07.2022г. №1905, 13.11.2023г. №1995, 03.01.2024г. №2035, 03.01.2024г. №2036)
3. Конституция Республики Таджикистан (в редакции референдума от 26.09.1999г., от 22.06.2003 г., от 22.05.2016г.)
4. Концепция перехода Республики Таджикистан к устойчивому развитию / Постановление Правительства РТ от 01.10.2007, №500. – Душанбе, 2007.
5. Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики Таджикистан // Послание Президента Республики Таджикистан, Основатель мирных соглашений, Лидер нации, Уважаемый Эмомали Рахмон на Маджлиси Оли Республики Таджикистан. - Душанбе, 2017. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http//www.president.tj (дата обращения: 25.07.2019).
6. Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики Таджикистан // Послание Президента Республики Таджикистан, Основатель мирных соглашений, Лидер нации, Уважаемый Эмомали Рахмон на Маджлиси Оли Республики Таджикистан. Душанбе, 2023. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http//www.president.tj (дата обращения: 18.02.2024).
7. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. – Душанбе: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2023. – 419 с.

8. Статистический ежегодник Согдийской области. – Худжанд: Главное управление Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан в Согдийской области, 2022. – 508 с.
9. Статистический ежегодник Согдийской области. – Худжанд: Главное управление Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан в Согдийской области, 2023. – 419 с.
10. Статистический ежегодник Согдийской области. – Худжанд: Главное управление Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан в Согдийской области, 2024. – 432 с.
11. Becker, G.S. Investment in human capital: A theoretical analysis. / G.S. Becker // Journal of Political Economy 70 (5). - 1962. - P. 9-49.
12. Schultz, T.W. Investment in human capital / T.W. Schultz // American Economic Review, 1961. - 51 (1). - P. 1-17.
13. Авезов, А.Х. Методология формирования стратегии устойчивого развития экономики региона: Монография / А.Х. Авезов. – Худжанд: ТГУПБП, 2014. – 221 с.
14. Акрамова, З.Б. Формирование и развитие человеческого капитала в трудоизбыточной экономике (напримере Республики Таджикистан): автореферат дис. ... канд. экон. наук: 08.00.01 / З.Б. Акрамова. – Худжанд, 2012. – 22 с.
15. Бабина, С.И. Анализ человеческого капитала региона / С.И. Бабина, И.Ю. Садовникова // Вестник Кемеровского государственного университета. Серия: Политические, социологические и экономические науки. – 2018. - № 3. - С. 69-74.
16. Веретенникова, Н.В. Человеческий капитал: макроэкономический аспект исследования / Н.В. Веретенникова, Н.М. Загвязинская, Н.А. Куранова // Вестник Тюменского государственного университета. Социально-экономические и правовые исследования. - 2015 - Том 1. № 2 (2). - С. 152-160.

17. Внешнеэкономическая деятельность: анализ торговли и инвестиций в Республике Таджикистан / И.К. Мирзоев, Р.М. Мирбобоев, А.А. Солиев, М.К. Бобоев.; под общей ред. Л.Х.Саидмурадова. – Душанбе, 2006. – 153 с.
18. Ганиев, Т.Б. Интеллектуальный потенциал человека как ресурс национальной и международной безопасности. / Т.Б. Ганиев // Таджикистан и современный мир (научный журнал). - Душанбе: «СИНО», 2015. - № 6 (49). - С.101-110.
19. Гурезов, С.И. Теоретические основы среднего образования и формирования человеческого капитала в условиях рыночной экономики / С.И. Гурезов // Перспектива развития науки и образования. Материалы международной научно-практической конференции. - Душанбе: ТТУ имени академика М.С.Осими, 2019. - С.369-372.
20. Дьяков, М.Ю. Экономическая оценка человеческого капитала региона / М.Ю. Дьяков // Экономика региона. - 2022. - Т. 18, вып. 2. - С. 556-568.
21. Маршалл, А. Принципы экономической науки / А. Маршалл. – М.: Прогресс, 1993. – 270 с.
22. Назаров, А.А. Социально-экономические факторы роста производительности труда / А.А. Назаров; под ред. Рымашевской Н.М. и Джабарова А.Д. – Душанбе: Дониш, 1981. – 215 с.
23. Раджабов, Р.К. Региональные аспекты развития сферы платных услуг населению в условиях переходной экономики: Монография / Р.К. Раджабов. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 196 с.
24. Рауфи, А. Ценность человеческого капитала (на таджикском языке) / А. Рауфи // Экономика Таджикистана. - Душанбе, 2020. - №1. - С. 13-18.
25. Ризокулов, Т.Р. Влияние глобализации на миграционные процессы в национальном рынке труда / Т.Р. Ризокулов, Д.А. Давлатов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – Душанбе: «СИНО», 2016. - №2/9(218). - С. 99-104.
26. Саидмурадов, Л.Х. Возможности и направления углубления регионального анализа в контексте человеческого развития / Л.Х. Саидмурадов // Вестник

Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: «СИНО», 2013. - № 2/8 (125). - С. 115-124.
27. Тугускина, Г.Н. Человеческий капитал регионов как основа формирования национального человеческого капитала / Г.Н. Тугускина // Вестник Удмуртского университета. Серия: Экономика и право. - 2024. - Т. 34, вып. 2. - С. 271-277.
28. Усманов, Д.И. Человеческий капитал региона: ретроспективный анализ концептуальных положений теории / Д.И. Усманов // Проблемы рыночной экономики. - 2024. - № 1. - С. 62-72.
29. Хамидова, С.Х. Человеческий капитал: содержательный подход / С.Х. Хамидова // Экономика Таджикистана. - Душанбе, 2020. - №1. - С. 19-23.
30. Ходиев, Д.А. Уровни формирования и развития человеческого капитала / Д.А. Ходиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: «СИНО», 2014. - № 2-1. - С. 18-23.
31. Человеческое развитие. Учебник (издание 2-е, дополненное и переработанное) / коллектив авторов / под общей ред. Р.М. Бабаджанова. – Душанбе: ООО «Фарзин», 2014. - 436 с.
32. Чучулина, Е.В. Человеческий капитал как фактор социально-экономического развития региона / Е.В. Чучулина // Вестник пермского университета. - 2014. - Вып. 1(20). - С. 52-57.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ (бо забони аслӣ):

### I. Мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

[1-М]. Косимова, Ш.А. К исследованию человеческого капитала муниципального образования [Текст] / Ш.А. Косимова // Вестник Таджикского национального Университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: СИНО, 2016. - №2/9(218). - С. 174-177.

[2-М]. Косимова, Ш.А. Компетентностный подход к оценке характеристик человеческого капитала [Текст] / Ш.А. Косимова // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2018. - №1. - С. 81-86.

[3-М]. Косимова, Ш.А. К методологии оценки эффективности использования человеческого капитала [Текст] / Ш.А. Косимова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. - Худжанд, 2018. - №3(76). - С. 82-90.

[4-М]. Насулложанова, Ш.А. Оценка эффективности использования человеческого капитала в экономике региона [Текст] / Ш.А. Насулложанова // Экономика Таджикистана. - Душанбе, 2020. - №4(2). - С. 199-209.

[5-М]. Насуллоҷонова, Ш.А. Механизми таъсиррасонии ҳокимияти минтақавӣ барои ташкил ва ҷамъ овардани сармояи инсонӣ [Матн] / Ш.А. Насуллоҷонова, М.А. Асророва // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. - Душанбе, 2023. - №2/1(46). - С. 205-211.

[6-М]. Насулложанова, Ш.А. Определение потребностей регионального промышленного комплекса Согдийской области в высококвалифицированных кадрах [Текст] / Ш.А. Насулложанова, Ф.К. Шамсиев // Финансово-экономический вестник (научно-практический журнал). - Душанбе, 2023. - №3(37). - С. 142-149

### II. Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ

[7-М]. Косимова, Ш.А. Теоретические аспекты человеческого капитала и его влияние на уровень социально-экономического развития [Текст] / Ш.А. Косимова, Х.Дж. Махмадиева // Таджикистан в XXI веке: перспективы устойчивого развития национальной экономики (сборник статей международной научно-практической конференции, 27 ноября 2014 года). – Худжанд: Ношир, 2015. - С. 205-209.

[8-М]. Қосимова, Ш.А. Мавқеи сармояи инсонӣ дар инкишофи иқтисодиёти муосир [Матн] / Ш.А. Қосимова // Рушди илми муосир дар Тоҷикистон: назария ва амалия. Қисми I. – Хуҷанд: Дабир, 2018. – С. 230-234.

[9-М]. Косимова, Ш.А. Фундаментальные основы теории человеческого капитала [Текст] / Ш.А. Косимова, Н.Х. Азизова // Менеджмент субъектов хозяйствования: проблемы и перспективы развития: сборник материалов Международной научно-практической on-line конференции молодых ученых, аспирантов, соискателей и студентов (21-23 декабря 2017г.) - Житомир: ЖДТУ, 2017. - С. 225-228.

[10-М]. Косимова, Ш.А. Концептуальные основы развития человеческого капитала [Текст] / Ш.А. Косимова // Туризм и народное ремесло – представляющий национальную культуру (секция бизнес, управление и финансы). – Худжанд: ЧП Файзибоев М.М., 2018. – С. 193-195.

[11-М]. Насулложанова, Ш.А. Оценка эффективности использования человеческого капитала в регионе [Текст] / Ш.А. Насулложанова // Предпринимательская модель экономики по управлению развития предпринимательства: тези II Международной научно-практической конференции (6-8 ноября 2019г.). - Житомир, 2019. - С. 778-782.

[12-М]. Насулложанова, Ш.А. Эффективность процессов формирования и использования человеческого капитала в региональной экономике [Текст] / Ш.А. Насулложанова // Интеграция науки и производства в реализации национальных стратегических целей // Материалы научно-практической конференции профессоров, преподавателей и молодых исследователей ТГУПБП / под руководством д.э.н., профессора Шарифзода М.М. и д.э.н., профессора Риизокулов Т.Р. – Худжанд: Дабир, 2022. - С. 107-111.

[13-М]. Насуллоҷонова, Ш.А. Сармояи инсонӣ ҳамчун омили рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғд) [Матн] / Ш.А. Насуллоҷонова // Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. // Маводи форуми II ҷумҳуриявии иқтисодӣ. - Хуҷанд: «Дабир», 2022. - С. 320-325.

[14-М]. Насулложанова, Ш.А. Человеческий капитал как фактор социально-экономического развития региона (на примере Согдийской области) [Текст] / Ш.А. Насулложанова // Экономико-правовые перспективы развития общества, государства и потребительской кооперации [Электронный ресурс]: сборник научных статей IV международной научно-практической интернет-конференции, Гомель, 31 марта 2023 г. / редкол.: С.Н. Лебедева [и др.]; под науч. ред. канд. юрид. наук, доцента Ж.Ч. Коноваловой. – Гомель: учреждение образования «Белорусский торгово-экономический университет потребительской кооперации», 2023. - С. 218-222.

[15-М]. Насуллоҷонова, Ш.А. Нақши мақомоти минтақавӣ дар ташкил намудани шароит барои ҷамъоварии сармояи инсонӣ [Матн] / Ш.А. Насуллоҷонова // Рушди илм ва инноватсия дар шароити рақамикунонӣ// Маводи конференсияи илмӣ-амалии профессорон, омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ / таҳти назари д.и.и., профессор Шарифзода М.М. - Хуҷанд: «Дабир», 2023. – С. 147-152.

[16-М]. Насуллоҷонова, Ш.А. Механизмҳои муосири баҳодиҳии сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодии минтақавӣ [Матн] / Ш.А. Насуллоҷонова // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Заминаҳои илмӣ-техникӣ ва иқтисодии саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (24-25 ноябри соли 2023). Қисми 2. - Душанбе, 2023. – С. 63-66.

[17-М]. Насулложанова, Ш.А. Современная теория человеческого капитала [Текст] / Ш.А. Насулложанова, С.Б. Ахмедов // Материалы Международной научно-практической конференции «Механизмы устойчивого социально-экономического развития страны с учетом мегатрендов и сценариев глобального развития», посвященную 70-летию доктора экономических наук, профессора Шокаманова Юрия Камировича, 1 ноября 2023 г. - АГЭУ, 2023. - С. 359-363.

[18-М]. Насуллоҷонова, Ш.А. Инкишофи сармояи инсонӣ: ҷанбаи минтақавӣ [Матн] / Ш.А. Насуллоҷонова // Илму маориф дар пешрафти иқтисодию иҷтимоии давлати ҳуқуқбунёд // Маводи конференсияи илмӣ-

амалии профессорон, омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ / таҳти назари д.и.и. Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. - Хуҷанд: Дабир, 2024. – С. 110-115.

[19-М]. Nasullojonova, Sh.A. Problems of the theory of human capital [Text] / Sh.A. Nasullojonova // Network business: formation, problems, innovations // Materials XV International Scientific and Practical internet conference (April 17–18, 2025) – Poltava: PUET, 2025. – P. 41-44.

[20-М]. Насуллоҷонова, Ш.А. Усулҳои баҳодиҳии сармояи инсонӣ [Матн] / Ш.А. Насуллоҷонова // Рушди устувор дар соҳаҳои иқтисодиёт, суботи иҷтимоӣ, мувозинати экологӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. - Хуҷанд: «Дабир», 2025. – С. 293-297.

# АННОТАЦИЯ

**к автореферату диссертации Насулложановой Шавкатмох Абдукодировны на тему «Совершенствование механизма использования человеческого капитала в экономике Согдийской области» на соискание ученой степени кандидата экономических наук по специальности 08.00.03 – Региональная и территориальная экономика**

**Ключевые слова:** человеческий капитал, человеческий капитал региона, человеческий потенциал, механизм использования человеческого капитала, формирование человеческого капитала, инвестиции в человеческий капитал, экономика региона, экономика знаний, государственно-частное партнёрство, образование, предпринимательство, государственное регулирование.

**Актуальность темы исследования.** Классические инструменты стратегического управления сохраняют свою значимость, однако в современных условиях требуют дополнения механизмами, обладающими высоким потенциалом предсказуемости и способствующими более эффективному вовлечению человеческого капитала в региональные экономические процессы. В этой связи возрастает значимость формирования целостного подхода к использованию человеческого капитала как ключевого ресурса, что предполагает интеграцию эффектов возрастающей отдачи в методологию его оптимального применения, а также необходимость внедрения специальных регуляторных механизмов, обеспечивающих устойчивое функционирование данной модели в экономике региона.

**Цель исследования** заключается в разработке современных теоретических и методических подходов к формированию и реализации механизмов эффективного использования человеческого капитала в региональной экономике, что позволит обеспечить ускоренное социально-экономическое развитие Согдийской области.

В диссертации рассматриваются теоретико-методологические основы концепции человеческого капитала, как ключевого драйвера социально-экономического прогресса регионов, раскрыты системообразующие принципы и институционально-управленческие особенности регулирования человеческого капитала в территориальном измерении, определена направленность динамических изменений и проанализировано воздействие наращивания человеческого потенциала в Согдийской области на расширение возможностей социально-экономического роста региона в среднесрочной перспективе, построена экономико-математическая модель с множеством факторов, отражающая зависимость темпов развития региональной экономики от характеристик человеческого капитала, разработаны практико-ориентированные и методологические предложения, способствующие оптимизации инструментов государственного регулирования процессов формирования и использования человеческого потенциала в социально-экономической системе региона.

В заключении обобщены результаты исследования и представлены рекомендации и предложения теоретического и практического характера механизмов использования человеческого капитала в экономике Согдийской области.

# АННОТАТСИЯ

**ба авторeферати диссертатсияи Насуллоҷонова Шавкатмоҳ Абдуқодировна дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми истифоданамоии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

**Вожаҳои калидӣ:** сармояи инсонӣ, сармояи инсонии минтақа, иқтидори инсонӣ, механизми истифоданамоии сармояи инсонӣ, ташаккули сармояи инсонӣ, сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ, иқтисодиёти минтақа, иқтисодиёти дониш, шарикии давлатӣ-хусусӣ, маориф, соҳибкорӣ, танзими давлатӣ.

**Муҳимияти мавзуи тадқиқот.** Воситаҳои классикии идоракунии стратегӣ моҳияти худро нигоҳ доранд, ҳам дар шароити муосир механизмҳои иловагие, ки имконияти иқтидори баланди пешгӯӣ ва ҷалби бештари сармояи инсониро ба равандҳои иқтисодии минтақавиро доранд, талаб менамояд. Вобаста ба ин моҳияти ташаккули равиши ҳамаҷониба оид ба истифодаи сармояи инсонӣ ҳамчун захираи калидӣ меафзояд, ки равиши мазкур ворид намудани даромади афзоянда ба методологияи истифодаи оптималии он, инчунин зарурати татбиқи механизмҳои махсуси танзимкунандаро барои таъмини фаъолияти устувори ин моделро дар иқтисодиёти минтақа тақозо мекунад.

**Ҳадафи тадқиқот** таҳияи равишҳои муосири назариявӣ ва методологӣ оид ба ташаккул ва татбиқи механизмҳои истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар иқтисоди минтақа ва ба ин васила таъмини рушди босуръати иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд мебошад.

Дар диссертатсия асосҳои назариявӣ ва методологии консепсияи сармояи инсониро ҳамчун омили асосии пешрафти иҷтимоию иқтисодии минтақа баррасӣ гардида, принсипҳои системавӣ ва хусусиятҳои институтсионалӣ ва идоракунии танзими сармояи инсониро дар сатҳи ҳудудӣ ошкор карда шудааст. Самти тағйироти динамикӣ муайян гардида, таъсири рушди сармояи инсонӣ дар вилояти Суғд ба тавсеаи иқтидори рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа дар давраи миёнамуҳлат таҳлил карда шуда, барои нишон додани вобастагии суръати рушди иқтисодии минтақа ва хусусиятҳои сармояи инсонӣ, модели бисёрҷонибаи иқтисодӣ - математикӣ пешниҳод карда шудааст. Ҳамчунин пешниҳодҳои методии ба амалия нигаронидашудаи оптимизатсияи танзими давлатии рушд ва истифодаи неруи инсонӣ дар низоми иҷтимоию иқтисодии минтақа таҳия гардидааст.

Дар хулоса натиҷаҳои тадқиқот ҷамъбаст гардида, тавсияҳо ва пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба механизмҳои истифодаи сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд оварда шудаанд.

## ANNOTATION

**on the dissertation abstract by Nasullojonova Shavkatmoh Abdukodirovna on the theme: «Improving the Mechanism for Utilizing Human Capital in the Economy of the Sughd Region» for the degree of Candidate of Economic Sciences, specialty 08.00.03 – Regional and Territorial Economics**

**Keywords:** human capital, regional human capital, human potential, mechanism for utilizing human capital, human capital formation, investment in human capital, regional economy, knowledge economy, public-private partnership, education, entrepreneurship, government regulation.

**Relevance of the research theme.** While classical tools of strategic management retain their significance, current conditions require them to be complemented with mechanisms that have high predictive potential and enable more effective involvement of human capital in regional economic processes. In this regard, the importance of forming a comprehensive approach to utilizing human capital as a key resource is increasing. This implies integrating the effects of increasing returns into the methodology for its optimal application, as well as the need to implement specific regulatory mechanisms to ensure the sustainable functioning of this model within the regional economy.

**The aim of the research** is to develop modern theoretical and methodological approaches to the formation and implementation of mechanisms for the effective use of human capital in the regional economy, which will enable accelerated socio-economic development of the Sughd Region.

The dissertation explores the theoretical and methodological foundations of the human capital concept as a key driver of socio-economic progress in regions. It reveals system-forming principles and the institutional and managerial features of human capital regulation at the territorial level; identifies the direction of dynamic changes and analyzes the impact of increasing human potential in the Sughd Region on expanding the possibilities for the region's socio-economic growth in the medium term. An economic and mathematical model with multiple factors is constructed, reflecting the dependence of the regional economy's development rates on the characteristics of human capital. Practice-oriented and methodological proposals are developed to optimize government regulatory tools for the processes of forming and utilizing human potential within the socio-economic system of the region.

The conclusion summarizes the research results and presents theoretical and practical recommendations for mechanisms to utilize human capital in the economy of the Sughd Region.

Сдано в набор 10.10.2025 г.
Подписано в печать 01.11.2025 г.
Бумага офсетная. Формат 60x84 1/16.
Усл. п.л. 6,7. Заказ №25. Тираж 100 экз.

*Отпечатано в типографии Технологического парка ТГУПБП*
*г.Худжанд, 17 мкр, дом 1.*

Ба матбаа 10.10.2025 с. супорида шуд.
Ба чопаш 01.11.2025 с имзо шуд. Қоғази офсет
Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи ч.ш. 6,7.
Супориши №25. Адади нашр 100 нусха.

*Матбааи Парки технологии ДДҲБСТ*
*ш.Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1.*